**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

**ВБД: 338.43 (575.3)**
**ТКБ: 65.9 (2)32**
А-14

Бо ҳуқуқи дастнавис

**АБДУЛЛОЗОДА ХОСАМОҲ ХУДОЙДОД**

# ТАҲКИМИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ МУСОИДАТ БА ТАЪМИНИ ШУҒЛИ АЛТЕРНАТИВӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат

**ДУШАНБЕ 2025**

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идораи Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Мирсаидов Аврор Бобоевич,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

**Муқарризони расмӣ:** **Ҷабборов Абдусаттор**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Алимардонзода Тоҳирҷон Ашуралӣ**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия рӯзи 31.01.2026, соати $12^{00}$ дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2, бинои асосӣ, ошёнаи 4, толори диссертатсионӣ, почтаи электронӣ: 6D.KOA-012@mail.ru, телефони котиби илмӣ; (+992) 2348434

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.tguk.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат ________________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Машокиров Ҷ.Н.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 шеваи сиёсати давлатӣ оид ба шуғлнокии аҳолиро бо равшании бештар ва механизмҳои муассир муайян мекунад. Дар ин стратегия, ба таври махсус ба сохтори бозори меҳнат таъкид мешавад, ки он се ҷузъро дар бар мегирад: шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, ки дар он муҳоҷирати ғайрирасмӣ ва назоратнашаванда низ эҳтимолан шомил мешавад.

Ҳадафи асосии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат дар давраи дарозмуддат на танҳо зиёд кардани шумораи ҷойҳои корӣ, балки таъмин намудани ҷойҳои кории устувор ва самарабахш мебошад. Ҳамзамон, муҳим аст, ки маҳсулнокии меҳнат баланд бардошта шавад ва ҳифзи иҷтимоии боэътимоди аҳолӣ таъмин гардад, то сатҳи зиндагӣ беҳтар ва устувории иқтисодӣ таъмин шавад. Ин вазифаи стратегӣ пеш аз ҳама ба масъалаи таъмини шуғлнокии аҳолии манотиқи деҳоти мамлакат дахл дорад. Зеро дар ин манотиқ беш аз 73% аҳолии мамлакат умр ба сар мебаранд, ки манбаи захираҳои фаровони меҳнатӣ, ки омилҳои асосии рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва умуман иқтисодиёти деҳот мебошад, ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, сиёсати шуғлнокии давлат ба масъалаи таъмини шуғлнокӣ, истифодаи самараноки қувваҳои корие, ки дар бозори меҳнати иқтисодиёти деҳот қарор доранду ба сифати яке аз омилҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот баромад менамояд, равона шудааст.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман дар тамоми минтақаҳои мамлакат, аз ҷумла дар деҳот бозори меҳнат ташаккул ёфт, ки дар айни замон ба мушкилоти зиёде дучор гардида, ба такмили механизмҳои танзими давлатӣ ва татбиқи сиёсати шуғлнокӣ ниёз дорад. Бо назардошти ин такмили механизмҳои коркарду татбиқи сиёсати давлатӣ доир ба шуғли аҳоли, ки бидуни таҳқиқи қонуниятҳои рушди шуғлнокӣ, зуҳури шаклу намудҳои он ва танзими бозори меҳнати минтақавӣ дар шароити иқтисодиёти таъғйирёбанда ғайриимкон аст, муҳим гардидааст.

Айни замон барои гурӯҳбандии шаклҳои шуғлнокӣ аз рӯи хусусиятҳои сифатӣ ва миқдорӣ як низоми ягона муайян нашудааст. Олимон ва муҳаққиқони гуногун шаклҳои шуғлнокиро бо усулҳои мухталиф гурӯҳбандӣ мекунанд, бо дарназардошти омилҳое чун реҷаи вақти корӣ, мунтазамии фаъолияти меҳнатӣ, қонуниятмандии бо кор таъминкунӣ ва шароити меҳнат.

Бо рушди муносибатҳои бозорӣ дар бахши аграрӣ, ки беш аз 64%-и қувваи кории кишварро фаро мегирад, шакли нави алтернативии шуғлнокӣ

ба вуҷуд омадааст. Ин шакл аз меҳнати анъанавии кишоварзӣ фарқ дошта, ба дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ рабт дорад.

Бо вуҷуди ин, масъалаи муаммоҳои илмии шуғли алтернативӣ ва инъикоси он дар сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар адабиёти ватанӣ то ҳол ба таври кофӣ мавриди таҳқиқоти бунёдӣ қарор нагирифтааст.

Барои он ки одамон дар деҳот ба шуғли алтернативӣ ё ғайрикишоварзӣ ҷалб шаванд, дастрасӣ ба баъзе манбаъҳои муайян муҳим аст. Ин манбаъҳо шомили дороиҳои табиӣ (масалан, замин ё об), иҷтимоӣ (ба монанди робитаҳо дар ҷомеа, таҳсилот, дастрасӣ ба маълумот) ва молиявӣ (пул ё қарзҳо барои оғози кор) мебошанд. Ин манбаъҳо таъсир мерасонанд, ки чӣ гуна одамон метавонанд ба сохтори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ворид шаванд, дар ниҳодҳои расмӣ ё ғайрирасмӣ (масалан, дар тиҷорат ё ҳамкорӣ) иштирок намоянд. Ғайр аз ин, ин омилҳо рафтори одамонро шакл медиҳанд ва қобилият ва хоҳиши онҳоро барои ёфтани шаклҳои нави шуғлнокӣ, ба ғайр аз меҳнати анъанавии деҳот, муайян мекунанд.

Ҳамин тариқ, рушди васеи шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот муаллифро вазифадор намуд, ки ҷустуҷӯйи роҳҳову механизмҳои иқтисодиву ташкилӣ ва иқтисодии танзиму идораи давлатии онро мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои илмии бозори меҳнат ва шуғли алтернативӣ дар асарҳои олимони зерини хориҷи дур ва олимони рус таҳқиқ шудаанд: Маслова М.С, [28], Харт К., [58], Барсукова С.Ю., [46] Безгребальная И.О., [47], Базылева М.Н., [45], Занин В.А., [47], Кутаев Ш.К. [69], Ледванов М.Ю. [53], Капелюшников Р.И., [24] ва дигаронро метавон номбар кард.

Дар доираҳои илми ватанӣ масъалаи шуғли аҳолӣ, ташаккули рушди бозори меҳнат ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ин самт метавон саҳми чунин олимонро қайд намуд: Алиев Т.Н. [63], Амонова Д.С. [12]. Ашуров С.Б. [13], Ғоибназаров Ш.У. [60], Комилов С.Ҷ., [62], Ҷонмамадов Ш.Б. [18], Мадаминов А.А. [70], Мирсаидов А.Б. [54,55]. Исломова З.С., [61]. Кабутов К. Р., [64]. Кодирова З.Ҳ. [68], Раҷабов Р.К., [68], Саидмуродов Л.Х. [56], Усмонова Т.Ҷ. [57] ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Асарҳо ва ақидаҳои бунёдии олимони ватанӣ заминаи илмию методии таҳқиқотҳои моро ташкил додааст. Аммо, бояд таъкид намуд, ки новобаста ба омӯзиши васеъ дар самти шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат, хусусиятҳо ва сабабҳои шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Умуман, метавон қайд намуд, ки дар адабиёти иқтисодии ватанӣ пажӯҳиши бунёдӣ ва ҳамаҷонибаи сабабҳо ва омилҳои шуғли

алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот, ки соҳаи асосии фаъолияти меҳнатии мардуми ин манотиқ ба ҳисоб меравад, алҳол вуҷуд надоранд. Бахусус, масъалаҳои назария ва амалияи танзими ин намуди фаъолияти меҳнатӣ ва инъикос намудани он дар сиёсати давлатии шуғл, ки дар шароити гузариши мамлакат ба зинаи индустриалӣ-аграрии иқтисодиёт ва саноатикунонии босуръат муҳим буда, таҳқиқоти амиқ ва асосноккунии илмиро тақозо дорад, ки он муҳиммияти мавзуи таҳқиқот ва сабаби интихоби онро муайян намудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи бандҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар он мавҷуд будани ҳиссаи баробари бозори меҳнати себахша дар манотиқи деҳот (шуғли расмӣ, ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ) таъкид шудааст, ки ба таъмини шуғли фарогири аҳолӣ мусоидат менамояд, бармеояд. Инчунин, таҳқиқот дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2023, ки мутобиқ ба "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" (1-уми августи соли 2003 №44) таҳия гардидаасту дар он маҷмӯи тадбирҳоро оид ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, мусоидат ба шуғли занон ва ҷавонон ва рушди фарогири соҳибкории хурду инфиродӣ ва ғайра пешбинӣ шудааст, сурат гирифтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** ин муаяйн намудани моҳият ва хусусиятҳои шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ва коркарди тавсияҳои назариявию амалӣ ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии шуғл ва танзими он бо мақсади расмӣ ва самти ҳадафнок бахшидан ба шуғли алтернативӣ дар давраи "Солҳои рушди саноат" (солҳои 2022-2026), ки бевосита манотиқи деҳотро низ дар бар мегирад, ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил гардидан ба мақсади асосии таълифи диссертатсия иҷро ва ҳаллу фасли вазифаҳои зерин муқаррар шудаанд:

– таҳқиқи муносибатҳои консептуалӣ доир ба тавсифи моҳияти шуғлнокӣ ва сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат;

– омӯзиши равишҳои назариявии тафсири моҳият ва аниқ намудани сабабҳои пайдоиши шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот, инчунин масъалаҳои муносибатҳои методӣ ҷиҳати баҳодиҳии ин намуди шуғл;

– таҳлили тамоюли муосир ва сохтори шуғлнокӣ ва инкишофи шуғли ғайрикишоварзӣ дар иқтисоди деҳот;

– тасниф ва арзёбии омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ, ки ба рушди шуғли алтернативӣ мусоидат менамоянд;

– асоснок намудани роҳҳои асосии таҳкими шуғлнокии алтернативӣ дар доираи сиёсати рушди деҳот ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳо доир ба такмили механизмҳои дастгирии давлатии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот;

– таҳияи консепсия ва асосноккунии принсипҳои таҳрезии самтҳои стратегии рушди шуғли алтернативии иқтисодиёти деҳот ва асоснокии зарурати инъикоси он дар сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ;

**Объекти таҳқиқот** шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёти деҳот ва соҳаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Мавзӯи (предмети) таҳқиқот** муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодие, ки дар сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии деҳот вобаста бо шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ пайдо мешаванд ва масъалаҳои танзими он.

**Фарзияи таҳқиқот.** Асоснок намудани фарзияи нақши калидии таҳкими сиёсати давлатии шуғли аҳолии деҳот, маҳз вобаста бо шуғли алтернативӣ (ғайрикишоварзӣ) ва объективияту фарогир будани ин намуди шуғл дар иқтисодиёти деҳот, ки на танҳо диверсификатсияи манбаъҳои даромади аҳолии минтақаҳои деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардумро таъмин менамояд, балки тарҳи ҷойгиркунии фаъолияти нави иқтисодии ғайрикишоварзӣ ва мазмуну самтҳои сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва расмикунонии онро дар минтақаҳои деҳот муайян мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**ро муқарраротии назариявие, ки дар асарҳои бунёдии олимон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ, бозори меҳнат ва сиёсати шуғлу танзими бозори меҳнат инъикос ёфтаанд, ташкил додааст. Ҳамзамон, самти таҳқиқотро нуқтаҳои консептуалии сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ, ки дар барномаҳои миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ, санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи таҳқиқот ҷой доранд, муайян намудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқотро назария ва муносибатҳои эволютсионӣ-институтсионалӣ ва таҳлили системавӣ ташкил додааст. Ба сифати усули асосии таҳқиқот принсипи муносибати системавӣ интихоб шудааст, ки дар асоси он мантиқи умумии диссертатсияи мазкур ифода гардидааст. Дар кори илмӣ усулҳои хулосабарории назариявӣ ва эмперикӣ, таҳлилу синтез, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, оморӣ-риёзӣ, индексӣ, экспертӣ ва ғайра истифода бурда шудаанд. Истифодабарии маҷмӯавии усулҳо ва роҳҳои интихобшуда саҳеҳияти тақозошавандаи хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалиро таъмин намуд.

**Сарчашмаи маълумот.** Заминаҳои таҷрибавии таҳқиқотро хоҷагии хонаводаҳо ва корхонаҳои соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти деҳоти Кӯлоби вилояти Хатлон ташкил додааст. Заминаҳои иттилоотиро маълумотҳои расмии омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагиҳои минтақавии он, захираҳои иттилоотии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои мақомоти идоракунии соҳаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, маводҳои матбуоти даврӣ ва мақолаҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои муайян кардани микёс ва хислати шуғли ғайрирасмӣ дар ҳудуди деҳоти мамлакат бахшида шудаанд, инчунин, мушоҳида ва коркарди натиҷаҳои пурсишномаҳои аз тарафи муаллиф дар ноҳияҳои алоҳидаи вилояти Хатлон гузаронидашуда фаро мегиранд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идора Донишгоҳи давлатии Данғара дар давраи солҳои 2015-2023 сурат гирифтааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии самти таҳқиқот ва баҳодиҳии навъи алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзии шуғл дар иқтисодиёти деҳот ва таҳияи тавсияҳои консептуаливу амалӣ ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва танзими он ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои асосии илмии муайянкунандаи навовариҳои таҳқиқот аз инҳо иборат мебошанд:

– сиёсати давлатии шуғлнокии аҳолӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ арзёбӣ шуда, асоснок карда шудааст, ки моҳияту механизми татбиқи он бояд дар заминаи муқарраротӣ муаллифии моҳияти шуғл дар низоми иқтисоди бозорӣ ҳамчун раванди иштироки фаъоли аҳолии қобили меҳнат дар намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, ки дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ бо кордеҳон, фаъолияти соҳибкорӣ, худмашғулӣ ва тавассути муҳоҷирати меҳнатӣ сурат гирифта, ҳифзи иҷтимоии онҳо аз тарафи давлат таъмин мешавад, мукаммал гардад;

– исбот карда шудааст, ки шуғли алтернативӣ маҳсули раванди объективии суръатгирии диверсификатсияи шуғл буда, хонаводаҳо ва ё оилаҳо якчанд намудҳои гуногуни корро интихоб мекунанд ва ё пурра ба бахши ғайрикишоварзӣ мегузаранд, ки ба онҳо имкониятҳои бештари даромадро меорад; заминаҳои пайдоиши шуғли алтернативӣ, ки аз мазмуни низоми устувори воситаҳо барои зиндагӣ бармеоянд асоснок карда шуда, масъалаҳои методии арзёбии шуғли алтернативӣ аниқ карда шудааст:

– хусусиятҳо ва тамоюлоти шуғл дар иқтисодиёти деҳоти мамлакат муайян карда шудаанд: сатҳи пасти тамоюли диверсификатсияи истеҳсолоту фаъолият ва афзалияти сифати анъанавии он, сарбории зиёди демографӣ, изофаи захираҳои меҳнатӣ ва ғайра сабаби рушди шуғли ғайрикишоварзӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд;

– роҳҳои мукаммалгардонии механизми дастгирии давлатии ташкили шаклҳои алтернативии шуғлнокӣ дар самти ҳунарҳои мардумӣ (гулдӯзӣ, бофандагӣ ва тӯрбофӣ аз пӯстлохи дарахт, чалғӯза ва ғ.), инчунин дар самти агротуризму асалпарварӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми маҳаллӣ (истеҳсолоти бофандагӣ аз матоъҳои тибитдор, ҷамъоварӣ, коркард ва фурӯши минбаъдаи меваҳои худрӯй, занбурӯғҳо ва ғайраҳо) асоснок карда шудааст;

– асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои коркарди самтҳои стратегии рушди соҳаҳои шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ва зарурати инъикоси он дар сиёсати давлатии шуғл пешниҳод шудааст; зеро иқтисодиёти деҳот ҳамчун низоми мураккаби соҳаҳо ва намудҳои мухталифи фаъолият, маҷмуи иштирокчиёни (агентҳои хоҷагидори гуногун) муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ҷиҳати истифодаи захираҳои манотиқи деҳот ба миён омадааст, рушд кардааст;

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инҳо мебошанд:**

– тавсифи вазифаҳо ва татбиқи принсипҳои асосии сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар доираи барномаи давлатии рушди деҳот, ки ба паст намудани сатҳи бекорӣ, баланд шудани сатҳи шуғли аҳолии деҳот ва кафолат додани афзоиши даромад, аз ҷумла аз ҳисоби намудҳои алтернативии фаъолият, фаъолияти ғайрикишоварзӣ мусоидат менамояд;

– арзёбӣ ва муаяйн намудани тамоюлоти тағйирёбии бозори меҳнати манотиқи деҳот пайваста, диверсификатсияи истеҳсолот, принсипҳои нави фаъолияти иқтисодии аҳолӣ, пеш аз ҳама бо тағйирёбии шаклҳои моликият, табодули талабот ба касбҳои муайян, васеъ шудани миқёси бахши ғайридавлатии иқтисодиёт, ки рушди бахши шуғли алтернативиро мусоидат намудааст;

– таҳияи пешниҳодоту тавсияҳо дар самти мукаммалгардонии механизми татбиқи сиёсати фаъоли давлат (дирижизм) дар пояи принсипҳои банақшагирии индикативии шуғли ғайрикишоварзӣ дар иқтисоди деҳот, ки густариши моделҳои самарабахши соҳибкории ғайрикишоварзиро мусоидат менамояд;

– коркарди асосҳои консептуалии таҳияи стратегия барои барномаҳои рушди шуғли алтернативӣ ва алгоритми таҳияи он дар иқтисодиёти деҳот вобаста ба шароити манотиқи деҳоти гуногуни мамлакат;

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалии дар он ифода ёфта имконият медиҳад, ки таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои шуғлнокӣ истифода карда шаванд. Инчунин, пояи назариявии таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун замина ҳангоми коркарди механизмҳои дастгирии давлатии ин намуди шуғлнокӣ истифода гардад. Мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият медиҳад, ки назарияи шуғл, роҳҳои методии таҳқиқот, баҳогузорӣ ва танзими шуғлнокӣ васеъ гардонида шавад.

Нишондодҳои диссертатсияро метавон ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ ва маводи методӣ оид ба фанҳои «Назарияи иқтисод», «Иқтисодиёти меҳнат», «Ташкили КАС» ва курси махсуси «Шуғли аҳолӣ» истифода кард. Тавсияҳои методии ташкили мониторинг ва омӯзиши шуғли ғайрикишоварзӣ ва танзими он дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, ки мо коркард намудаем, якчанд шуъбаҳои шуғли аҳолии ноҳияҳои ин минтақа барои иҷро қабул намудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия**. Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудааст.

Таҳқиқоти тағйироти тасаввурот ва ақидаҳоро оид ба шуғли алтернативӣ дар доираи омӯзиши соҳаи шуғли иқтисодиёти деҳот ва кишоварзӣ имкон додааст, ки оид ба моҳият ва мундариҷаи он дар соҳаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ, ки дар онҳо сатҳи баланди барзиёдии меҳнат ва нобаробарии бозори меҳнат мавҷуд аст, роҳҳои илман асосноки расмикунонӣ ва рушди сатҳи шуғли ғайрикишоварзиро пешниҳод намояд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаи таҳқиқот ба шиносномаи аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат: 1.Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияи рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии меҳнат ва ғайраҳо); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоӣ; 3. Муаммоҳои назариявию методологии дар бозори меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; 6. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ); 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он; 14. Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ, мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои накшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар таҳқиқи назарияи шуғли алтернативӣ ва коркарди тавсияҳои амалии танзими он, таҳқиқи сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографии бавуҷудоии ин намуди шуғл ва муайян намудани тамоюли тағйироти миқёсии он саҳм гузоштааст. Ҳамзамон, зарурати илмии муайян намудани паёмадҳои мусбии иҷтимоӣ-иқтисодии мавҷудияти чунин намудҳои шуғлро, ки дар сиёсати давлатии шуғл инъикос ёбанд, асоснок намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулоса ва натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Дангара (солҳои 2012-2023), Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ (солҳои 2020-2023), дар ҳамоиши олимони ҷавони Тоҷикистон ва ғайраҳо баррасӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Матлабҳо ва тавсияҳои таҳқиқот дар 9 кори илмӣ дар ҳаҷми умумии 6,5 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, дар ҳаҷми умумии 203 саҳифа иборат аст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** зарурати мавзуи диссертатсия асоснок шуда, шарҳи сатҳи коркарди ин мавзӯъ дар адабиёти хориҷиву ватанӣ баён гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навовариҳои илмӣ ва зарурати амалии он пешниҳод мегарданд.

**Дар боби якум – “Асосҳои назариявии таҳқиқи сиёсати давлатии шуғл ва шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот”** масъалаҳои муносибатҳои консептуалӣ доир ба шуғлнокӣ ва сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ, моҳият ва сохтори иқтисодиёти деҳот ва асосҳои консептуалии шуғли алтернативӣ дар он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия дар асоси омӯзиши адабиёти иқтисодии бунёдӣ доир ба таҳқиқоти шуғлнокӣ, пеш аз ҳама, ба мафҳуми шуғлнокии аҳолӣ, ҳамчун категорияи бунёдии иҷтимоӣ-иқтисодие, ки бо амалисозии талабот ва манфиати инсон ба меҳнат ва ҳуқуқи инсон ба меҳнат алоқаманд аст, муқаррар карда шудааст. Муаллиф шарҳи васеи шуғлнокиро аз рӯйи ду мавқеъ муайян намудааст. а) мавқеи истеҳсолот ва андӯхт, ки таъмин

кардани аҳолиро бо ҷойи кор муайян менамояд; б) раванди таъминкунии аҳолӣ бо воситаҳои аввалиндараҷаи ҳастӣ, яъне аз мавқеи ташаккул ва истифодаи фонди истеъмолӣ. Таъкид карда мешавад, ки таҳлил ва арзёбии шуғлнокӣ дар асоси таҳқиқи бозори меҳнат, ки дар он мутобиқаткунии пешниҳоди меҳнат ва талабот ба он зуҳур меёбад, сурат мегирад. Трансформатсияи муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар манотиқи деҳоти мамлакат дар вазъи бозори меҳнат тағйироти ҷиддиро рӯйи кор овардааст. Дар натиҷаи ислоҳоти аграрӣ ва дигаргуншавии сохтори институтсионалии иқтисодиёти деҳот дар замони муосир мушкилотҳое, ки дар роҳи таъмини шуғлнокӣ ва рушди устувори он монеа эҷод менамоянд. Бинобар он, дар диссертатсия мушкилотҳои сатҳи аввали рушди иқтисодиву иҷтимоии манотиқи деҳот тавсиф шудааст, ки он тарҳи шуғлнокӣ ва бахусус, шуғлнокии алтернативиро муайян менамояд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Мушкилоти асосии рушди иҷтимоиву иқтисодии манотиқи деҳот**

| Истеҳсоливу иқтисодӣ | Иҷтимоӣ | Мушкилоти сиёсӣ ва институтсионалӣ | Мушкилоти ҳифзи нерӯи табиӣ ва фарҳангӣ |
|---|---|---|---|
| Номукаммалии механизми татбиқи муносибатҳои бозорӣ | Бекорӣ ва сатҳи пасти даромади аҳолии деҳот | Норасоӣ дар дастгирии молиявӣ | Истифодаи ноокилонаи захираҳои табиӣ |
| Даромаднокии пасти истеҳсолоти кишоварзӣ | Сатҳи нокифояи таъминоти ичтимоӣ | Таъминоти сусти иттилоотӣ ва машваратӣ | Талаф шудани заминҳои корами кишоварзӣ |
| Вайрон кардани робитаҳои кооперативии байни ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ | Сатҳи пасти рушди инфрасохтори деҳот | Зарурати ислоҳоти фаъолияти мақомоти идоракунӣ | Коҳиш ёфтани мероси фарҳангӣ |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф

Табиист, ки чунин муаммоҳои иҷтимоиву иқтисодӣ аҳолии манотиқи деҳотро водор менамоянд, ки барои таъмини оилаҳои худ бо воситаҳои зиндагӣ, инчунин барои пайдо намудани даромади иловагӣ ба шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ шомил шаванд.

Шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ – ин чунин шуғлест, ки аҳолӣ қувваи кории минтақаи деҳот, фаъолияти меҳнатии худро берун аз хоҷагиҳои худ ташкил менамоянд, ки аксаран табиати кишоварзӣ надоранд. Ва ё онро метавон ҳамчун шуғли аҳолии деҳот дар синнусоли қобили меҳнат будан, дар шаклҳои ғайрикишоварзии фаъолияти иқтисодӣ ба истисноӣ хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва идоракунии давлатию маҳаллӣ муайян кард. Муаллиф барои таҳқиқи шуғли алтернативӣ дар деҳот ба муносибат ва ё

таълимоти «чорчубаи устувори зиндагӣ» (sustainab lelivelih oodframework) такя намудааст. Ин таълимот қобилият, дороиҳои моддӣ, захираҳои иҷтимоӣ ва намудҳои фаъолият барои ҳаёт ва ҳастии устувор, имконияти мубориза бурданро бо ҳолатҳои шадиди рӯҳӣ (стресс) ва таҳдидҳо, инчунин қобилият ва дороиҳои худро имрӯз ва фардо барқарор, муҳофизат ва беҳтар карданро ифода менамояд.

Консепсияи мавҷудияти устувор маънои онро дорад, ки барои таъмини суботи дарозмуддат ва рушд, бояд омилҳои дохилӣ ва беруниро ба назар гирифт. Яъне, устуворӣ аз ҳамкории омилҳои мухталифи дохилӣ ва берунӣ вобаста аст. Вобаста аз он, ки хонаводаҳо барои мутобиқ шудан ба тағйирот ва бӯҳронҳо то чӣ андоза омодаанд, онҳо стратегияҳои гуногуни зинда мондани худро интихоб мекунанд. Дар ин ҷо, ду стратегияи асосӣ тавсиф шудаанд, ки хоҷагиҳои хонагӣ барои мубориза бо мушкилот ва таҳдидҳо метавонанд аз онҳо истифода кунанд:

1. Стратегияи мутобиқшавӣ – ба хоҷагиҳои хонагӣ кӯмак мекунад, ки бо тағйирот ва таҳдидҳои дарозмуддат, ки метавонанд ба онҳо таъсир расонанд, мувофиқ шаванд. Ин стратегияи мутобиқатшавӣ барои ҳалли мушкилот ва эҳтиёҷоти дарозмуддат ба ҳисоб меравад, ки хоҷагиҳои хонагӣ бояд ба онҳо мутобиқ шаванд, то зинда монанд ва рушд намоянд. Хоҷагиҳои хонагӣ метавонанд тарзи зиндагии худро тағйир диҳанд, масалан, бо суғурта кардани худ ё шурӯъ кардани намудҳои нави фаъолият барои гирифтани даромади иловагӣ. Ин метавонад васеъ кардани истеҳсолоти кишоварзӣ ё оғоз кардани шуғлҳои ғайрикишоварзӣ, ба мисли худшуғлӣ ё кори кироя бошад. Ҳадафи ин стратегия ин аст, ки хоҷагиҳои хонагӣ устувортар шаванд ва тавонанд бо тағйирот дар оянда беҳтар мубориза баранд.

2. Стратегияи сариштакорӣ (фурӯши чорво ё кам кардани хароҷоти истеъмолӣ) ба кам кардани таъсири таҳдидҳо ва хатарҳо нигаронида шудааст, аммо дар муддати кӯтоҳ. Намунаҳои ин стратегия фурӯши чорво ё коҳиш додани хароҷот барои истеъмол мебошанд. Ин чораҳои муваққатӣ ҳастанд, ки ба хоҷагиҳои хонагӣ кӯмак мекунанд, ки бӯҳронҳо ё мушкилоти такрориро паси сар кунанд. Аммо, бо вуҷуди ин, стратегияи дарозмуддат имконияти бартараф кардани камбизоатиро маҳдуд мекунад, зеро ба ҷои рушди захираҳо, танҳо барои коҳиш додани хароҷотҳо равона карда мешавад.

Инчунин, ду намуди иловагии стратегия ба хоҷагиҳои хонагӣ кӯмак мекунанд, ки метавонад ба таври гуногун бо мушкилот мубориза баранд ва ҳадафҳои мухталифро ба даст оранд:

– стратегияи зинда мондан ин стратегия бо бартараф кардани камбизоатӣ ва қонеъ кардани эҳтиёҷоти асосии зиндагӣ равона шудааст.

Хоҷагиҳое, ки ин стратегияи зинда монданро интихоб мекунанд, асосан бояд барои зинда мондани худ кӯшиши хуб кунанд, яъне танҳо ниёзҳои асосии худро, ба мисли хӯрок, манзил ва амният қонеъ мекунанд. Ин стратегия бо захираҳои ҳадди ақал алоқаманд аст ва ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аввалиндараҷа нигаронида шудааст;

– стратегияи андӯхт кардан ин стратегия бештар ба рушд ва беҳбуд бахшидани зиндагӣ равона шудааст. Хоҷагиҳо кӯшиш мекунанд, ки даромади худро афзоиш диҳанд ва захираҳо ва дороиҳои худро зиёд кунанд. Дар ин ҳолат, онҳо тадбирҳо меандешанд, то ки дар муҳлати дарозмуддат некуаҳволии худро беҳтар кунанд, масалан, дар таҳсилот сармоягузорӣ мекунанд, моликият мехаранд ё хоҷагии худро рушд медиҳанд.

Дастрасӣ ба намудҳои гуногуни дороиҳо (табиӣ, воқеӣ, инсонӣ, иҷтимоӣ ва молиявӣ) воқеан нақши муҳимро дар имконияти одамон барои шуғли алтернативӣ ва ғайрикишоварзӣ мебозад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. – Омилҳои таъсиркунанда ба шуғлнокии аъзоёни хоҷагиҳои хонагӣ**

| Нозукиҳо | Дороиҳои хоҷагиҳои хонагӣ | Сохтор | Натиҷаҳои эҳсоси бехатарӣ |
|---|---|---|---|
| Садамаҳо, стрессҳо | – нерӯи инсонӣ;<br>– захираҳои табиӣ;<br>– нерӯи воқеӣ;<br>– нерӯи иҷтимоӣ;<br>– нерӯи молиявӣ. | Бахшҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ. Ниҳодҳо: қонунҳо, фарҳанг, бозор | – даромад;<br>– амнияти озуқаворӣ;<br>– саломатӣ;<br>– захираҳои табиӣ;<br>– иштирок дар корҳои деҳот;<br>– таҳсилот. |

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асосӣ: Бухенридер Г., Таъсири шуғли ғайридеҳқонӣ дар минтақаҳои деҳот ба сатҳи камбизоатӣ. Маҷмӯи мақолаҳои симпозиуми хурд оид ба «Таъсири камбизоатӣ ва имконоти сиёсати шуғли ғайридеҳқонӣ дар деҳот», IA AE, Дурбан, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, 16-22-юми августи соли 2003, саҳ. 5. Иқтибос аз Carney (1998), Drinkwater ва Rusinov (1999), Carney ва ҳаммуаллифон (1999), Korf (2002).

Ин дороиҳо дастрасӣ ба сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаро фароҳам оварда, ба одамон барои иштирок дар намудҳои гуногуни фаъолият кӯмак мекунанд.

Нерӯи инсонӣ – ин малакаҳо, донишҳо, саломатӣ ва қобилияти лозим барои амалӣ кардани стратегияҳои гуногун дар зиндагӣ мебошанд. Манбаъҳои табиӣ – ин манбаъҳое мебошанд, ки барои зиндагии хоҷагиҳои хонагӣ заруранд, масалан, замин барои кишоварзӣ, ҷангалҳо, об, ҳайвонот ва дигар унсурҳои муҳити зист, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷот истифода мешаванд. Ин захираҳо барои нигоҳ доштани зиндагӣ ва фаъолиятҳои хоҷагиҳо муҳиманд. Намудҳои гуногуни захираҳо-захираҳои воқеӣ, иҷтимоӣ ва молиявӣ – дар нигоҳдорӣ ва рушди хоҷагиҳои хонагӣ нақши муҳим мебозанд. Захираҳои воқеӣ, монанди манзил, нақлиёт ва коммуникатсия,

асоси фаъолияти ҳаррӯза мебошанд, ки имконият медиҳанд, ки хоҷагӣ дар шароити бароҳат ва муваффақ амал кунад. Захираҳои иҷтимоӣ, ки ба робитаҳо ва иртиботҳои байни одамон дахл доранд, кӯмак мерасонанд ба одамон, ки масоили мухталифро ҳал кунанд ва қарорҳои муҳим қабул намоянд, ҳамчунин дастгирии иҷтимоиро созмонҳои гуногун ва дигарон ба даст оранд. Ин метавонад кӯмак дар ҳолатҳои душвор ва ё дастрасӣ ба имкониятҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ бошад. Захираҳои молиявӣ асоси устувории иқтисодии хонавода мебошанд. Пасандозҳо, қарзҳо, суғурта ва нафақа кӯмак мекунанд, ки одамон бо мушкилоти молиявӣ муқобила кунанд ва ояндаро пешбинӣ кунанд. Ҳамчунин, ҳамаи ин захираҳо кӯмак мерасонанд, ки хоҷагиҳои хонагӣ на танҳо зинда монанд, балки рушд ёбанд ва ба тағйирот дар иқтисод ва ҷомеа мутобиқ шаванд.

Дар ин росто шуғли ғайрикишоварзӣ ва диверсификатсияи манбаҳои даромади аҳолии деҳот ҳамчун стратегияи беҳтаркунандаи вазъияти оилаҳо, хоҷагиҳои хонагӣ ва паст намудани сатҳи заифии ҳаёти аҳолӣ баррасӣ мегардад. Дар ин ҷо, стратегияи мутобиқшавӣ, ки таҳдиду хатарҳоро тавассути ислоҳ кардани тарзи ҳаёти худ ва диверсификатсия кардани намудҳои фаъолият, пеш аз ҳама, шуғли алтернативӣ барои гирифтани даромади иловагӣ мусоидаткунанда рӯйи кор меояд. Дар диссертатсия омилҳое, ки барои ҷалби одамон ба шуғли алтернативӣ, ғайрикишоварзӣ таъсир мерасонанд, аз дастрасӣ шаклҳои зерини дороиҳо-табиӣ, инсонӣ, иҷтимоӣ ва молиявӣ вобаста мебошанд, тавсиф шудааст. Дар диссертатсия барои таҳқиқи шуғли алтернативӣ ба ду гурӯҳи омилҳое, ки ба шуғли ғайрикишоварзӣ таъсир мерасонад, таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода шудааст: омилҳои талабот ва омилҳои эҳтиёҷот (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. – Омилҳои дохилӣ ва берунии талабот ва эҳтиёҷот, ки боиси паҳншавии шуғли ғайрикишоварзӣ мегарданд**

| Омилҳо | **Омилҳои дохилӣ барои хоҷагиҳои хонагӣ** | **Омилҳои берунӣ барои хоҷагиҳои хонагӣ** |
|---|---|---|
| **Омилҳои талабот** | Сатҳи таҳсилот. Мавҷудияти сармояи ибтидоӣ. Оила бо теъдоди зиёди аъзоёни қобили меҳнат. Мавҷудияти низоми рушдкардаи таъминоти иҷтимоӣ. Иқтидори соҳибкорӣ, кӯшиш ба зиндагии шаҳрӣ. Афзалияти фаъолияти ғайрикишоварзӣ барои аъзоёни оила. | Музди меҳнати (даромади) нисбатан баланд дар бахши ғайрикишоварзӣ. Вазъияти мусоид барои рушди бизнеси деҳот бо дар бар гирифтани инфрасохтори марбута. Дастрасии иттилоот. Бозори замин ва қарзи самарабахш. Мавҷудияти дастгирии давлатии лоиҳаҳои ғайриаграрӣ ва барномаҳои рушди деҳот. |

| | | Идомаи Ҷадвали 3. |
|---|---|---|
| Омилҳо | **Омилҳои дохилӣ барои хоҷагиҳои хонагӣ** | **Омилҳои берунӣ барои хоҷагиҳои хонагӣ** |
| **Омилҳои эҳтиёҷот** | Вазъи оилавӣ (хӯрандаҳо ва ғайраҳо). Сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ. Андозаи хурди фермаҳо, ки даромади мунтазам барои зиндагии оиларо дода наметавонанд. Набудани сармояи ибтидоӣ барои доштани фермаи хусусӣ. | Садамаҳои берунӣ ва дохилӣ барои хоҷагиҳои хонагӣ (масалан, офатҳои табиӣ ё бемории аъзоёни оила). Ивазшавии нархи бозори аграрӣ. Ғайрисамаранокии бозори замин ва қарз, ки барои инкишофи некӯаҳволӣ маҳдудият эҷод мекунанд. |

**Манбаъ:** Мирсаидов А.Б Сабуров М.Р. Шуғли ғайрирасмӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ ва роҳҳои танзими он, Душанбе «Эр-граф», 2020, 177 с. С 10

Сипас дар диссертатсия моҳият ва сохтори иқтисодиёти деҳот, ки аз низоми мураккабу шояд серҷабҳа иборат аст, шарҳ дода шудааст. Таъкид карда мешавад, ки татбиқи ислоҳоти аграрӣ дар ҷумҳурӣ заминаҳои ҷудоии назария ва амалияи иқтисодиёти деҳотро ҳамчун як қисми муҳими маҷмуи иқтисодии кишвар фароҳам овард. Маҳз дар иқтисодиёти деҳот қисми зиёди аҳолии кишвар бо кор таъмин карда мешаванд, дар ҳоле ки фаъолияти онҳо ҳатман бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба маънои анъанавии он алоқаманд нест. Вобаста ба ин, мазмуни иқтисодиёти деҳот аз мавқеи муносибатҳои равандӣ, низомӣ ва функсионалӣ баррасӣ шудааст, ки он барои таҳкими сиёсати давлатӣ ҷиҳати густариш додани шуғли алтернативӣ зарур аст:

– аз нуқтаи назари равиши равандҳо, иқтисодиёти деҳотро метавон ҳамчун маҷмуи амалҳои ба ҳам алоқаманди агентҳои иқтисодӣ баррасӣ кард, ки ба истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои манотиқи деҳот дар раванди такрористеҳсол равона карда шудаанд;

– аз нуқтаи назари муносибати низомӣ, он як низоми иқтисодии кушод аст, ки масалан, зернизомҳои зеринро дар бар мегирад: захираҳо, имкониятҳо ва идоракунӣ;

– муносибати функсионалӣ-иқтисодиёти деҳот тавассути призмаи робитаҳо ё ҳамбастагиҳои мутақобилаи байни ҳудудҳои деҳот, ҷамоатҳои деҳот, муҳити берунаи иҷтимоию иқтисодӣ ва табиӣ, ки ба қонеъ кардани талабот ва дархостҳои онҳо нигаронида шудаанд, баррасӣ карда мешавад.

**Дар боби дуюм – "Таҳлил ва арзёбии ҳолати шуғлнокӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон"** сохтори шуғлнокии аҳолии деҳот, сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди шуғлнокии алтернативӣ таҳқиқ

шуда, тамоюли шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот арзёбӣ шудааст.

Дар диссертатсия аниқ шудааст, ки дар давраи ислоҳоти иқтисодиву аграрӣ тамоюли рушди ноустувори истеҳсолоти кишоварзӣ, паст шудани иқтидори молиявии хоҷагиҳо, коҳиш ёфтани инфрасохторҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ ва соҳаҳои дигари иқтисодиёти деҳот шиддат гирифтааст. Айни замон, ин тамоюл боздошта шуда бошад ҳам, аммо шиддатнокӣ ва номувозинатии бозори меҳнат дар манотиқи деҳот боқӣ мондааст. Воқеан ҳам таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар тамоми манотиқи мамлакат, эҷод намудани шароити мусоид барои рушди иқтисодиёти деҳот, диверсификатсияи фаъолияти иктисодӣ ва шуғлнокии дар деҳотҷойҳо, рӯз аз рӯз муҳиммият пайдо менамояд. Зеро, ки дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат шумораи аҳолии доимӣ дар деҳаҳо афзуда истодааст (ҷадвали 4). Бинобар ин, мо аввал ба тамоюли афзоиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии деҳот пас аз солҳои 2000-ум назар менамоем.

**Ҷадвали 4. – Динамикаи аҳолии мамлакат**

| Нишондиҳандаҳо | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2020** | **2023** | Соли 2023 нисбат ба соли 2000,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 6250,0 | 6842,2 | 7621,2 | 8551,2 | 9716,8 | 10288,3 | 164,6 |
| Аз ҷумла, аҳолии деҳот | 4594,0 | 5032,3 | 5600,7 | 5600,7 | 6920,6 | 7318,7 | 159,2 |
| Бо % | 73,5 | 73,5 | 73,4 | 65,5 | 71,2 | 71,1 | 96,0 |
| Афзоиши табиӣ, ба 1000 нафар аҳолӣ | 22,3 | 21,8 | 27,3 | 27,3 | 21,3 | 21,4 | 96,0 |

**Манбаъ:** Аз ҷониби муаллиф дар асосӣ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 10, 26-27 ҳисоб карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 шумораи аҳолии доимӣ 10288,3 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2000-ум беш аз 64,6% зиёд шудааст. Аз онҳо аҳолии деҳот 7318,7 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2000-ум беш аз 59,2% зиёд шудааст. Ҳиссаи аҳолии деҳот дар тамоми шумораи аҳолии мамлакат соли 2023-ум 71,1%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2000-ум 96 банди фоизӣ кам шуда бошад ҳам аммо аслан афзоиши шумораи аҳолии деҳот афзоиши шумораи аҳолии мамлакатро муайян намудааст. Дар давраи таҳлилӣ афзоиши табиии аҳолии деҳот тамоюли пастравиро доро мебошад. Афзоиши табиӣ ба 1000 нафар аҳолӣ, аз 22,3 то 21,4 нафар поён рафтааст. Ин тамоюлот натиҷаи ба шаҳр захираҳои меҳнатии деҳот барои дарёфти кори муносиб сурат гирифтааст. Вобаста бо

афзудани шумораи аҳолӣ захираҳои меҳнатӣ, ки омили муҳими ташкили фаъолияти иқтисодӣ ва рушди он мебошад, низ афзудааст (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. – Динамикаи захираҳои меҳнатӣ ва аҳолии машғул дар иқтисодиёти Тоҷикистон (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2023 | Соли 2023 нисбат ба соли 2000, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 6250,0 | 6842,2 | 7621,2 | 8551,2 | 9716,8 | 10288,3 | 164.6 |
| Захираҳои меҳнатӣ – ҳамагӣ, ҳазор нафар | 3186 | 3893 | 4530 | 5111 | 5585 | 5990 | 188,0 |
| Бо % | 50,9 | 56,9 | 59,4 | 59,7 | 59,2 | 58,2 | –7,3 б.ф |
| Қувваи корӣ | 1794 | 2154 | 2280 | 2437 | 2587 | 2675 | 149,1 |
| аз онҳо: | | | | | | | |
| аҳолии машғулин | 1794 | 2154 | 2280 | 2437 | 2534 | 2675 | 149,1 |
| Қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт | 1392 | 1739 | 2250 | 2674 | 3068 | 3315 | 238,1 |
| аз он, хонандагон | 343 | 476 | 557 | 602 | 670 | 725 | 211,3 |
| бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар | 49 | 42 | 48 | 57 | 51 | 50 | 102,0 |
| Дараҷаи бекорӣ (шумораи расман эътирофшудаи бекорон бо фоиз нисбат ба аҳолии дар иқтисодиёт фаъол) | 2,7 | 2,0 | 2,1 | 2,3 | 2,1 | 1,8 | – 0,9 б.ф |

Манбаъ: Аз ҷониби муаллиф дар асосӣ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 с.26,81. ҳисоб карда шудааст.

Чи тавре, ки рақамҳои ҷадвали 5 нишон медиҳанд, захираҳои меҳнатии мамлакат дар давраи солҳои 2000-2023-ум 88% афзудааст. Ҳиссаи он дар шумораи умумии аҳолӣ соли 2023-ум 58,2 фоизро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 7,3 банди фоиз афзудааст. Қувваи корӣ бошад, дар ин давра аз 1794 то 2675 ҳазор нафар ва ё беш аз 49,1 фоиз афзудааст. Аз он аҳолии машғулин соли 2023-ум 2675 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 49,1 фоиз афзудааст.

Дар ин давраи таҳлилӣ қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт, аммо аслан дар фаъолияти фоиданок машғул буда, аз 1392 то 3315 ҳазор нафар ва ё беш аз 2,3 маротиба афзудааст. Аз он, шумораи хонандагон аз 343 то 725 ҳазор нафар ва беш аз 2,1 маротиба зиёд шудааст. Таносуби қувваи кории истифоданашуда, нисбат ба заҳираҳои меҳнатӣ соли 2023-ум 55%-ро

ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда соли 2000-ум 43% буд. Чуноне, ки мебинем ин нишондиҳанда афзуда истодааст ва ин таносубро бояд дар сатҳи оптималӣ нигоҳ дошт. Ин қисми аҳолӣ манбаи шуғлнокии ғайрирасмиро ташкил медиҳад.

Дар давраи муайян шумораи одамоне, ки расман бекор эътироф шудаанд, аз 49 ҳазор то 50 ҳазор афзоиш ёфтаанд, ки ин 2% зиёдшавиро нишон медиҳад. Ҳарчанд шумораи бекорон афзоиш ёфтааст, фоизи бекорон дар байни аҳолии қобили кор (мекунанд, ё фаъолона дар ҷустуҷӯйи кор мебошанд) 0,9 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Ин маънои онро дорад, ки ҳарчанд шумораи бекорон зиёд шудааст, аммо бояд таъкид намуд, ки суръати афзоиши нишондиҳандаҳои шумораи аҳолӣ, захираи меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ дар мамлакат давра ба давра тамоюли пастравӣ доранд. Масалан, дар панҷсолаи 2000-2005 аҳолии доимӣ 109,4%-ро ташкил дода буд, дар панҷсолаи 2005-2010 ва 2010-2015 якбора баланд гардида, (мувофиқан 111,3% ва 112,2%), аммо соли 2015-2023 ин нишондиҳанда 120,3%-ро ташкил дода, нисбат ба панҷсолаи 2000-2005 ба дараҷаи 0,9 банди фоиз кам шудааст.

Дар омори расмии кишвар, захираҳои меҳнатӣ ва аҳолии машғул дар деҳот якҷоя ҳисоб нашуданд, ки ба таҳлил ва дарк кардани динамикаи рушд ва ҳолати ҳаёти меҳнатӣ дар деҳот мушкилот меорад. Дар ин ҳолат, мо маҷбурем, ки ин нишондиҳандаҳоро дар пояи иқтисодиёти минтақаҳои кишвар таҳлил кунем, то дуруст арзёбӣ кунем, чи гуна сохтори меҳнатӣ ва вазъи шуғл дар минтақаҳо, бахусус дар деҳот тафсир карда мешавад. Зеро ин тамоюл ба иқтисодиёти деҳот низ мансуб аст, чунки солҳои охир ҳиссаи бошандагони манотиқи деҳот дар шумораи аҳолии мамлакат беш аз 69%-ро ташкил медиҳад ва аҳолии қобили меҳнат соли 2023-ум 4104,1 ҳазор нафарро ташкил додааст (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. – Фарқияти аҳолии қобили меҳнат дар деҳот ва шаҳр (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 1-уми январи соли 2015 | | | 1-уми январи соли 2023 | | | тағйирот, соли 2023-2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **умумӣ** | **шаҳр** | **деҳот** | **умумӣ** | **шаҳр** | **деҳот** | **шаҳр** | **деҳот** |
| Аҳолии қобили меҳнат | 4920,1 | 1366,0 | 3554,1 | 5918,9 | 1814,8 | 4104,1 | 448,8 | 550 |
| Таносуби шаҳру деҳот, % | 100 | 27,8 | 72,2 | 100 | 30,6 | 69,4 | 2,8 б.ф | –2,8 б.ф |
| Аз синну соли қобили меҳнат калонтар | 396,8 | 106,9 | 289,9 | 571,3 | 97,4 | 473,9 | –9,5 | 184,0 |
| Ҷавонони синни 14-30 сола | 2800,5 | 757,4 | 2043,1 | 2071,9 | 24,4 | 2047,5 | –733 | 4,4 |
| Тансуби шаҳру деҳот, % | 100 | 27,1 | 72,9 | 100 | 1,2 | 98,8 | –26 б.ф | 26 б.ф |

Манбаъ: Аз ҷониби муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016, с с 28-29; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 с. 29-30 ҳисоб карда шуд.

Агар ба тағйирёбии аҳолии қобили меҳнат дар деҳот назар афканем, пас муайян мегардад, ки дар давраи солҳои 2015-2023 дар деҳот аз 3554,1 то 4104,1 ҳазор нафар ва ё ба сатҳи 15,4% зиёд шудааст. Ҳамин нишондиҳанда дар шаҳр бошад, ба андозаи 3208 фоиз зиёд шудааст. Соли 2023 шумораи умумии аҳолии қобили меҳнати кишвар, ки дар деҳот зиндагӣ мекард, 69,4%-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда ба андозаи 2,8 банди фоизӣ нисбат ба давраи қаблӣ кам шудааст. Дар соли 2023 ҳиссаи аҳолии қобили меҳнати шаҳр 30,6%-ро ташкил дод. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015, 2,8 банди фоизӣ зиёд шудааст. Ҳамин тавр, дар деҳот ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат кам шуда, дар шаҳрҳо каме зиёд шудааст.

Ҷавонони синни 14-30 сола бошад, дар деҳот дар давраи таҳлилӣ аз 2043,1 то 2047,5 ҳазор нафар ва ё 4,4 ҳазор нафар кам шудааст. Новобаста аз ин, дар маҷмӯъ захираҳои калони меҳнатии мамлакат дар деҳот консентратсия шудааст ва онҳо захираҳои беҳамтои корӣ дар шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ мебошанд. Онҳо бинобар паст будани сатҳи даромади хонаводаҳо ба шуғли алтернативӣ шомил мебошанд, агарчи дар омори расмӣ шуғли онҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ  зиёд аст, нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, аммо ҳосилнокии меҳнаташон доир ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ паст мебошад. Афзоиши сатҳи бекории аёну ноаён сабаби асосии шомил шудан ба шуғли алтернативӣ мебошад (ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. Шумораи бекорони дар Хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайдгирифташуда дар минтақаҳои мамлакат**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Соли 2023 нисбати соли 2015, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи бекорон – ҳамагӣ дар мамлакат, ҳаз. нафар | 57,6 | 53,24 | 50,7 | 48,4 | 46,3 | 47,1 | 48,5 | 50,8 | 78,6 | 136,4 |
| аз он ҷумла, дар | | | | | | | | | | |
| ВМКБ | 3,3 | 4,4 | 4,9 | 5,1 | 4,5 | 4,7 | 5,5 | 3,7 | 32,2 | 9,8 б.ф. |
| в. Хатлон | 24,3 | 18,9 | 16,0 | 15,0 | 14,6 | 15,0 | 16,2 | 17,2 | 14,5 | 59,6 |
| в. Суғд | 10,9 | 10,8 | 9,7 | 8,1 | 8,9 | 7,9 | 7,8 | 7,8 | 7,9 | 72,5 |
| ш. Душанбе | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 3,3 | 4,9 | 4,0 | 5,9 | 7,0 | 2,80 б.ф. |
| НТҶ | 16,6 | 16,6 | 17,6 | 17,5 | 15,0 | 14,6 | 15,0 | 16,2 | 17,0 | 102,4 |

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 С 96 ҳисоб карда шуд.

Таҳлили ҷадвали 7 нишон медиҳад, ки вобаста бо сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳои мамлакат, вазъи бозори меҳнат ва сатҳи бекорӣ фарқ мекунанд. Ҳиссаи шумораи бекорон дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон аз шумораи умумии бекорони дар Хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташудаи мамлакат баланд мебошад. Дар вилояти Хатлон бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 14,5 ҳазор нафарро ташкил додааст. Яъне, беш аз 59,6 % бекорон ба ин минтақаҳои мамлакат, ки дар он деҳотҷойҳо бисёр аст, рост омадааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки вазъи бозори меҳнат дар деҳот, тағйироти таркибии он ва муътадил гаштани он сатҳи давомоти ҷустуҷӯи кор ва дарёфти он вобастагӣ доранд. Дар давоми солҳои 2015-2023 шумораи бекороне, ки дар муддати як моҳ кор пайдо кардаанд, сол аз сол зиёд шуда истодааст. Ҳамин тамоюл дар шумораи бекороне, ки аз 3 то 12 моҳ кор меҷӯстанд, низ ба назар мерасад. Аммо бекороне, ки зиёда аз як сол кор ҷӯстанд, тамоюли афзоишро доранд ва дар давраи таҳлилӣ аз 57,6 то 78,6 ҳазор нафар расидаанд. Умуман, дар ин давраи таҳлилӣ вақти миёнаи ҷустуҷӯи кор аз 8 то 8,5 моҳ зиёд шудааст. Яъне мушкилот дар дарёфти кори мувофиқ пайдо шудааст. Албатта, ин рақамҳои дар Хадамоти шуғли аҳолии ноҳияҳои манотиқи деҳоти мамлакат қайдшуда мебошанд. Агар ба ҳаёти воқеӣ назар афканем, ин нишондиҳандаҳо боз ҳам балантар мебошанд. Яке аз роҳҳои беҳтар намудани шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёти деҳот – ин таъмин намудани рушди шуғли ғайрикишоварзӣ мебошад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар деҳоти ҷумҳурӣ занҳо аз нисфи зиёд шумораи машғулинро ташкил медиҳанд. Онҳо барои ғанӣ гардонидани даромади оилаҳои худ дар фаъолияти иқтисодӣ (расмӣ ва ғайрирасмӣ) иштирок менамоянд. Дар ин пайваста бо рушди муносибатҳои иқтисодӣ тафаккури иқтисодиву тиҷоратии онҳо боло гирифт. Дар давраи солҳои 2015-2023 шумораи миёнасолонаи занҳои аз рӯйи меҳнати кироя дар соҳаҳои иқтисодиёт зиёд гардид. Соли 2023 бештар аз 46,3 фоизи шумораи занҳои аз рӯйи меҳнати кироя коркунанда ба соҳаҳои кишоварзӣ рост меояд, боқӣ дар шуғли ғайрикишоварзӣ шомил мебошанд.

Муаллиф якчанд хусусиятҳои шуғлнокиро дар деҳот, ки сабаби пайдоиши шуғли алтернативӣ ҳам мебошанд, ҷудо намудааст:

– сафарбаршавии пасти аҳолии деҳот ва ҷудоии сокинони деҳот, ки шомилшавии онҳоро ба низоми умумии бозори меҳнат мушкил мегардонад;

– вобастагии натиҷаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва даромадҳои коргарон аз омилҳову хавфу хатарҳои табиӣ, ноустувории ҳолати иқтисодии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ; мавсимӣ будани шуғлнокӣ, нобаробарии дарёфти даромад дар давоми сол; зарурати истифодаи технологияи чандирӣ,

қабули фаврии қарорҳои мустақилона, қобили қабул набудани тартиби қатъии маъмурӣ дар раванди фаъолияти меҳнатӣ; истифодаи замин ва дигар захираҳои табиӣ ба сифати унсурҳои бевоситаи қувваҳои истеҳсолкунанда, кор бо организмҳои зинда;

– гуногуншаклии вазифаҳое, ки коргарони касбу кори асосии кишоварзӣ иҷро мекунанд ва сатҳи пасти рушди тақсимоти ҷамъиятии меҳнат;

– маҳдудияти интихоби соҳаи татбиқи меҳнат ва касб, ки аз сатҳи пасти диверсификатсияи иқтисодиёт бармеояд;

– сатҳи пасти механизатсияи истеҳсолот, таносуби баланди коргарони бо меҳнати ҷисмонии вазнин ва меҳнати шароити номусоид машғулбуда;

– сатҳи пасти пардохти музди меҳнат ва таъхири тӯлонии пардохти он, ки аз зарурати иловатан машғул шудан дар хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ ба миён меояд;

– сатҳи нисбатан пасти сифати қувваи корӣ ва  аз ҷиҳати иҷтимоӣ таҳти ҳифз қарор надоштани шуғлнокӣ;

– сатҳи пасти таъминоти молиявии ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ;– аз ҳад зиёд будани қувваи корӣ, шуғлнокӣ ва сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат ва музди меҳнат.

Муаллиф афзудааст, ки яке аз мушкилоти асосӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат ва музди меҳнат мебошад, ки ҳамзамон, сабаби инкишоф ёфтани шуғлнокии алтернативӣ, аз ҷумла, шуғли ғайрирасмӣ мебошад. Дар ин ҷо мо пеш аз ҳама, динамикаи шуғлнокӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро баррасӣ менамоем (ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8. – Динамикаи шуғлнокӣ ва истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Шуғлнокӣ дар соҳаи истеҳсолоти аграрӣ, ҳазор нафар | Суръати афзоиш, % | Маҷмуи маҳсулот, (миллион сомонӣ, бо нархи соли 2023) | Суръати афзоиш нисбати соли гузашта, % | Таносуби суръати афзоиши маҷмуи маҳсулот нисбат ба суръати афзоиши шуғлнокӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 1545,2 | – | 36853,2 | – | 1,054 |
| 2016 | 1538,5 | 99,1 | 39449,6 | 107,0 | 1,079 |
| 2017 | 1466,1 | 95,2 | 41411,6 | 108,9 | 1,143 |
| 2018 | 1481,9 | 101,8 | 43066,2 | 104,8 | 1,029 |
| 2019 | 1507,3 | 101,7 | 46140,7 | 107,2 | 1,054 |
| 2020 | 1525,6 | 101,2 | 50225,7 | 108,8 | 1.075 |
| 2021 | 1535,3 | 100,6 | 53576,2 | 106,5 | 1.058 |
| 2022 | 1608,8 | 104,7 | 57841,7 | 108,0 | 1,031 |
| 2023 | 1618,7 | 100,6 | 63028,4 | 108,9 | 1,082 |

Манбаъ: Аз ҷониби муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с.86. 275 ҳисоб карда шуд.

Тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 8 дида мешавад, дар давраи солҳои 2015-2023 суръати афзоиши маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ аз суръати шуғлнокии кормандони истеҳсолоти аграрӣ пеш мебошад. Ҳисоби муаллиф нишон додааст, ки коэффитсиенти пешрафт, ки оид ба пастравии яку якбораи ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзи шаҳодат медиҳад ва мувоффиқан ҳосилнокии меҳнат паст шуда буд. Соли 2015 коэффитсиенти пешрафт ба 101,3 баробар буд, аммо дар давраи солҳои 2015-2023 тамоюли пастравӣ мушоҳида шуд. Пас аз солҳои 2023 суръати афзоиши истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз суръати афзоиши шуғлнокӣ дар соҳаи истеҳсолоти аграрӣ пеш гузашт ва коэффитсиенти пешгузарӣ дар ин давра аз воҳид болотарро ташкил дода буд. Суръати афзоиши пешгузарандаи мушоҳидашавандаи истеҳсоли маҷмуи маҳсулот дар муқоиса бо суръати афзоиши шуғлнокӣ чун нишондиҳандаи нисбии афзоиши ҳосилнокии меҳнат ба андешаи муаллиф ба ҳақиқат наздик нест. Чунки дар ин ҷо шумораи шуғлнокии ғайрирасмӣ ва алтернативӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ ба назар гирифта нашудааст. Ҳарчанд афзоиши музди меҳнати моҳонаи кормандони соҳаҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ аз 492,13 то 811,73 ва ё бештар аз 1,6 маротиба зиёд гардид, аммо соли 2023 музди миёнаи меҳнати моҳонаи кормандони кишоварзӣ ба 41 фоизи музди меҳнати миёнамоҳонаи соҳаи иқтисодиёт ва ба 34 фоизи музди миёнаи меҳнати моҳонаи кормандони саноатро ташкил додааст. Дар ҳақиқат сатҳи музди меҳнати номиналии кормандони соҳаи кишоварзӣ дар муқоиса бо микдори музди меҳнати соҳаҳои дигари иқтисодиёт паст буда, ин тамоюли коҳишёбӣ нигоҳ дошта мешавад ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки барои кам пардохтани андози иҷтимоӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ музди меҳнатро кам нишон медиҳанд. Ин сабаби асосиест, ки аҳолии деҳот ба шуғли алтернативӣ шомил мегарданд ва ин фаъолият манбаи қисми муҳими даромади аҳолиро ташкил медиҳад. Нарасидани даромади оилаҳо барои қонеъ гардонидани талаботи аъзои хонаводаҳо тамоюли шомилгардиро ба шуғли алтернативӣ боз ҳам нерӯ мебахшад. Масалан, маҳдуди аҳолӣ барои пасандоз кардани даромади худ мебошад. Ҳиссаи хароҷоти аҳолӣ бошад, барои озуқа сол аз сол афзуда истодааст. Масалан, агар мо аз рӯйи гурӯҳҳои даҳфоизаи аҳолӣ, яъне 10 фоизи аҳолии таъминоташ камтарин, ки дар деҳот хеле бисёр мебошанд ва 10 фоизи аҳолии таъминоташ пурраро муқоиса намоем, пас фарқият хеле калон мебошад. Фарқияти хароҷоти пулии ин гурӯҳҳо бахусус, хароҷот барои молҳои озуқа хеле баланд аст. Гурӯҳи 10 фоизи аҳолии таъминоташ камтарин шуғли дуюми алтернативӣ ва ғайрирасмиро ҳамчун амалигардони стратегияи зинда монданро мепиндоранд. Дар байни онҳо бисёр коргарони кироя ва инчунин дар асоси шартномаи шифоҳӣ коркунандаҳо дучор мешаванд. Барои онҳо

шуғли алтернативию ғайрирасмӣ, эҳтимол манбаи асосии даромад бошад, ҳол он ки ҷойи кори асосии онҳо ҷоест, ки дафтарчаи меҳнатӣ доранд ва мақоми онҳоро дар ҷомеа муайян мекунад. Маҳз аз ҳамин сабаб, онҳо ҳолати касбии худро ба таври умум назар ба дигар категорияе, ки шуғли алтернативӣ доранд, беҳтар арзёбӣ мекунанд.

Сипас дар диссертатсия барои арзёбии сатҳи шуғли алтернативӣ таҳқиқи сотсиологии аҳолӣ дар ду ноҳияи вилояти Хатлон гузаронида шудааст. (ҷадвали 9).

**Ҷадвали 9. Соҳаҳои шуғли алтернативӣ дар деҳот (ноҳияҳои Данғара ва Восеи вилояти Хатлон) соли 2023**

| Соҳаҳо | Шумораи пурсидашудагон | Бо % |
|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 114 | 28,5 |
| Савдои чакана, хӯроки умумӣ, хизматрасонии ҷамъиятӣ | 86 | 21,5 |
| Сохтмон ва нақлиёт | 65 | 16,2 |
| Савдои яклухт, харид | 44 | 11,0 |
| Дигар хизматрасониҳо | 28 | 7,0 |
| Дигар соҳаҳо | 63 | 15,8 |
| Ҳамагӣ | 400 | 100,00 |

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф аз рӯйи коркарди варақаҳои пурсишнома, соли 2023

Тибқи маълумоти ҷадвали 9, зиёда аз 2/3 ҳиссаи шумораи умумии шахсони ба таври ғайрирасмӣ машғулбуда асосан соҳаҳои зеринро дар бар мегиранд:: кишоварзӣ (28,5%), савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишии аҳолӣ (21,5%), сохтмон ва нақлиёт (16,2%), савдои яклухт (11,%) Дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои таҳқиқшуда шумораи аъзоёни хоҷагӣ, ки дар фаъолияти ғайрикишоварзӣ шомил мебошанд, вобаста ба маълумот, музди меҳнат ва самти фаъолият гуногун мебошанд. Масалан, беш аз иштирокдорони фаъолият дар бахши шуғли алтернативиӣ дар ноҳияи Данғара ва ноҳияи Восеъ, ки қимати баландтарин мебошад, дорои маълумоти умумӣ мебошанд. Дар таҳқиқи иҷтимоӣ 200 нафарӣ, дар умум 400 нафар аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои номбурда иштирок доштанд, яъне пурсида шуданд, ки синни аз 18 то 50 сола буда, маълумоти гуногун доштанд.

Вобаста ба омили талаботи эҳтиёҷотӣ берун аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ба корҳои сохтмону савдои чакана ва мусофиркашӣ машғул мебошанд. Вобаста ба омили талабот ба ихтисос 23% пурсидашудагони аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Данғара, ки маълумоти олӣ доранд, ба шуғли алтернативӣ шомил шудаанд. Дар ноҳияи Восеъ бошад, ин нишондиҳанда 27%-и

пурсидашудагонро ташкил додааст, ки нисбат ба ноҳияи Данғара баландтар аст (ҷадвали 10).

**Ҷадвали 10. – Натиҷаи пурсишномаҳо доир ба фаъолияти меҳнатии ғайрикишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои Данғара ва Восеъ соли 2023**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Ноҳияи Данғара** | | **Ноҳияи Восеъ** | |
|---|---|---|---|---|
| | **нафар** | **%** | **нафар** | **%** |
| **1.Маълумот:** | | | | |
| - Олии касбӣ | 46 | 23,0 | 54 | 27,0 |
| - миёнаи касбӣ | 43 | 21,5 | 53 | 26,5 |
| - миёнаи умумӣ | 80 | 40,0 | 69 | 34,5 |
| - миёнаи нопурра | 31 | 15,5 | 24 | 12,0 |
| **2. Музди меҳнат моҳона дар шуғли алтернативӣ** | | | | |
| То 600 сомонӣ | 77 | 38,5 | 95 | 47,5 |
| Аз 600 то 1000 сомонӣ | 99 | 49,5 | 85 | 42,5 |
| аз 1000 с. боло | 24 | 12,0 | 20 | 10,0 |
| **3. Соҳаҳои фаъолият дар шуғли алтернативӣ** | | | | |
| Сохтмон | 37 | 18,5 | 41 | 20,5 |
| – хизмати маишӣ ва таъмири хонаву техника | 34 | 17,0 | 31 | 15,5 |
| – савдои чакана | 47 | 23,5 | 38 | 19,0 |
| – мусофиркашӣ | 37 | 18,5 | 39 | 19,5 |
| – хӯроки умумӣ | 12 | 6 | 8 | 4,0 |
| – хунарҳои мардумӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ | 24 | 12 | 37 | 18,5 |
| дигар фаъолият | 9 | 4,5 | 6 | 3,0 |

Манбаъ: Муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои пурсишномаҳо таҳия намудааст.

Ҳиссаи пурсидашудагони аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки маълумоти миёнаи касбӣ доранду дар шуғли алтернативӣ шомил ҳастанд, мувофиқан 21,5 ва 26,5 фоизро ташкил додааст. Коргароне, ки маълумоти миёнаи нопурра доранд, дар шуғли ғайрикишоварзӣ нисбатан ҳиссаи камро ишғол намудаанд. Дар мавриди ҷамъбасти пурсишномаҳо аниқ шуд, ки музди меҳнати моҳона дар шуғли алтернативӣ, ки то 600 сомониро дар як моҳ ташкил медиҳад, дар ноҳияи Данғара 38,5% ва дар ноҳияи Восеъ 47,5%-и машғулинро ташкил додааст. Ин тоифаи коргарон дар бахши шуғли ғайрикишоварзӣ асосан машғулине, ки дорои маълумоти миёна ва нопурра буд, касбу ҳунари мувофиқ надоранд, мебошанд. Онҳо асосан дар мардикорӣ ва корҳои гуногуни ҷисмонӣ машғуланд. Беш аз 49,5% – пурсидашудагон дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Данғара ва 42,5% дар ноҳияи Восеъ, ки касбу ҳунар доранд, аз шуғли ғайрикишоварзӣ моҳе ба ҳисоби миёна 800 сомонӣ

музди меҳнат пайдо менамоянд. Шумораи ин гуна коргарон дар ноҳияи Данғара, ки дар ин ҷо фаъолияти ғайрикишоварзӣ бисёртар аст, баландтар мебошад: аз 200 нафар пурсидашудагон, қариб 99 нафарашон музди меҳнати моҳонаи аз 600 сомонӣ боло мегиранд. Ҳамин тариқ, ҳиссаи машғулине, ки музди меҳнати моҳонаашон аз 1000 сомонӣ боло аст, дар ноҳияи Данғара 12%-ро ташкил додааст, ки нисбат ба ноҳияи Восеъ қариб 2% баланд мебошад. Дар раванди пурсиш соҳаҳои асосии фаъолият дар бахши шуғли алтернативӣ низ муайян карда шуд. Аъзоёни хоҷагии деҳқонии ноҳияи Данғара берун аз хоҷагӣ бештар ба савдои чакана (20,5%), сохтмон (18,5%), мусофиркашӣ (17,0%) хизматрасонии маишӣ ва таъмири хонаву техника (15,5%) ва ғ. машғул мебошанд. Аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Восеъ берун аз хоҷагӣ бошад, ба сохтмон (20,5%), мусофиркашӣ (19,5%), савдои чакана (19,0%), хизмати маишӣ ва таъмири хонаву техника (15,5), ҳунарҳои мардумӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ (18,5%) машғул мебошанд. Дар раванди гузаронидани пурсиш ва сӯҳбатҳо ошкор шуд, ки беш аз 60 фоизи аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ, ки дар бахши фаъолияти ғайрикишоварзӣ машғул мешаванд, аз даромади гирифтагиашон норозӣ буданд, ки ин боз омили васеъ гаштани фаъолияти ғайрирасмӣ хоҳад шуд. Зеро, беш аз 90 фоизи даромади онҳо барои хариди маҳсулоти озуқа, барои табобат ва хонондани фарзандҳо меравад ва пасандози ночиз мемонад, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Бинобар ин, онҳо майли рафтан ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзиро доранд.

Муаллиф аниқ намудааст, ки шуғли алтернативӣ дар сохтани арзиши нав ва арзиши иловагии ҳам минтақа ва ҳам мамлакат ҳиссаи бузург дорад. Аммо, онҳо бинобар дар қайди расмӣ ва дар низоми ҳисобгирӣ шомил набуданашон номуайян мемонанд. Бинобар ин, сатҳи шуғли ғайрикишоварзӣ ва ё алтернативиро дар иқтисодиёти деҳоти ноҳияи Данғара бо методи «итолиёвӣ» ҳисоб намудем. Вобаста ба ин, мо пурсишномаро (дар доираи 300 нафар пурсидагон) доир ба вақти сарфкардаи азоёни хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Данғара, берун аз хоҷагиҳои худ дар фаъолияти меҳнатии ғайрикишоварзӣ (масалан, фаъолияти инфиродӣ, хизматрасониҳои инфиродӣ, савдои хурд, ҳунарҳои мардумӣ ва ғ.) гузаронидем. Воқеан ҳам, дар мавриди мавсими будани истеҳсолоти кишоварзӣ аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ барои машғул шудан ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ вақти бисёр доранд. Илова ба ин, онҳо рӯзи истироҳати худро худашон муайян менамоянд, аслан дар рӯзҳои мавсими зимистон истироҳат мекунанд, дар рӯзҳои истироҳат, яъне якшанбе ҳам фаъолият менамоянд. Натиҷаи пурсишнома дар ҷадвали 11 зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 11. – Соати кории коргарони аъзоёни хоҷагиҳои деҳконӣ дар бахши шуғли алтернативӣ ба ҳисоби миёна дар як ҳафта**

| Соати корӣ дар як ҳафта | посух доданд (нафар) | Фоиз |
|---|---|---|
| то 26 соат | 156 | 52,0 |
| то 32 соат | 109 | 36,3 |
| аз 32 соат боло | 35 | 11,7 |

**Манбаъ:** Муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои пурсишномаҳо таҳия намудааст.

Чи тавре, ки рақамҳои ҷадвали 11 нишон медиҳад, беш аз 52 фоизи аъзоёни хоҷагии деҳқонии пурсидашуда, ҳафтае 26 соати кории худро ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ, яъне берун аз хоҷагиҳои худ сарф менамоянд, ки он ба 3,25 (26/8) одам рост меояд. Аъзоёни хоҷагиҳои деҳқоние, ки 32 соати кориашон ба шуғили ғайрикишоварзӣ сарф шудаасту 4 одам/рӯзро ташкил додааст, 36,3%-и пурсидашудагонро ташкил додааст. Аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки фарзанди бисёр доранд, беш аз 32 соати корӣ, яъне беш аз 4,3 одам/рӯзи кории худро ба шуғли ғайрикишоварзӣ сарф намуданд, 11,7 %-ро ташкил додааст. Дар умум, аъзоёни хочагиҳои деҳқонӣ дар як ҳафта ба ҳисоби миёна 3,85 рӯзи кории худро ба фаъолияти меҳнати ғайрикишоварзӣ ва ё алтернативӣ сарф менамоянд. Чи тавре, ки аён аст, дар ҳафта беш аз 55% арзиши нав ва ё арзиши иловагии истеҳсолшуда дар иқтисодиёти деҳот аз ҳисоби шуғли, алтернативӣ сурат мегирад. Тахминан метавон чунин ҳисоб намуд, ки агар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳисоби миёна дар як рӯзи кории коргарони тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат 110 сомониро ташкил дода бошад, пас метавон муайян намуд, ки арзиши нави сохташудаи аъзоёни хоҷагиҳои деҳконии пурсидашуда дар як ҳафта, яъне дар 3,85 рӯзи кории дар бахши шуғли алтернативӣ 423 сомониро ташкил медиҳад. Воқеан ҳам, аксари пурсидашудагон берун аз хочагиҳои деҳконии худ дар соҳаҳои гуногун: сохтмон (бардоштани девор, кандакорӣ, таъмири хонаҳо), техникаҳо, оҳангарӣ, кӯлолгарӣ, савдои хурд мусофиркашӣ, корҳои аробакашӣ, борбардорӣ ва борфарорӣ дар бозор ва ғайраҳо машғул мебошанд.

**Боби сеюм – "Самтҳои асосии сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини рушди шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот"** ба асоснок намудани роҳҳои асосии таҳкими шуғлнокии алтернативӣ дар доираи сиёсати рушди деҳот, такмили механизмӣ дастгирии давлатии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ва асосноккунии консепсияи муосири рушди шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот равона шудааст.

Муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҳанӯз шуғлнокии алтернативии воқеӣ дар деҳот ниҳоят кам аст, ки он асосан дар машғулиятҳои анъанавӣ – дар корҳои сохтмонӣ, савдо, хизматрасониҳои ғайрирасмӣ дар бозори дохили деҳот ва сайёҳии деҳотӣ таҷассум меёбад. Ин шуғлҳо хусусияти ғайрирасмӣ

ва номуназзамро (ғайридоимиро) доранд. Вазифаи муҳими давраи нави рушд бояд ба таъмини шуғлнокии алтернативии сифати индустриаливу инноватсионӣ дошта, самт гирад. Дар ин ҳолат, сиёсати давлатӣ бояд доир ба мусоидат ба шуғли алтернативӣ ба стратегия, ки ба принсипҳои банақшагирии дарозмуддат ва индикативии давлатӣ дар самтҳои таъмини рушди шуғли ғайрикишоварзӣ асос мегирад, поя гирад. Дахолати давлатӣ бояд бо роҳи татбиқи сиёсати дирижизм, ки таҳияву татбиқи барномаҳои мақсаднокро дар таъмини рушди иқтисодиёти деҳот, ки механизми ибтидоии дастгирии шуғлнокии алтернативи, яъне дастгирии маснӯии ҷойҳои кории ғайрикишоварзиро дар деҳот дар бар мегирад, равона гардад. Он бояд имконияти хориҷ сохтани қувваи кории зиёдатиро аз деҳот дар бар гирифта, барои зиёдшавии самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва баландгардии дахлдори музди меҳнат дар бахш мусоидат намояд. Дар баробари зиёд шудани даромади аҳолии деҳот афзуншавии талабот ба хизматрасониҳо дар деҳот ва раванди табиии ташаккули бозори меҳнати муътадил дар он ҷойҳо ба амал меояд.

Самти сиёсати давлатии мусоидат ба рушди шуғли алтернативӣ дар деҳот ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сиёсати аграрии мамлакат бағоят муҳим аст. Зеро, ҳамон тавр, ки аз сохтори шуғлнокии то соли 2023, дида мешавад, шумораи коргарони дар деҳот ба шуғли алтернативӣ машғулбуда зиёд аст. Дар соли 2023 онҳо 1047,8 ҳазор нафарро ташкил дода, ҳиссаи онҳо дар ҳамагӣ машғулин дар кишоварзӣ, бештар аз 64,7%-ро ташкил додааст. Ҷадвали 12.

**Ҷадвали 12. – Динамикаи ҳисоби миёнаи солонаи шумораи коргарони кироя ва шуғлнокии алтернативӣ дар соҳаи кишоварзӣ (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Соли 2023 нисбат ба с 2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ машғулин дар кишоварзӣ | 1481,9 | 1507,3 | 1525,6 | 1535,3 | 1608,8 | 1618,7 | 109,2 |
| Шумораи коргарони кироя дар соҳа | 490,8 | 483,8 | 520,8 | 524,5 | 549,6 | 570,9 | 116,3 |
| Бо % умум | 33,1 | 32,1 | 34,1 | 34,1 | 34,2 | 35,2 | 2,1 б.ф |
| Шуғли алтернативӣ | 991,1 | 999,3 | 1004,8 | 1010,8 | 1059,2 | 1047,8 | 105,7 |
| Бо % умумӣ | 66,8 | 66,3 | 65,8 | 65,8 | 65,8 | 64,7 | 2,1 б.ф |

Манбаъ: дар асосӣ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 с. 85-86; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024,с. 73. ҳисоб карда шудааст.

Ба андешаи муаллиф, беҳтар намудани вазъияти табақаи осебпазири дар деҳот ташаккулёбандаро аз рӯйи самтҳои зерин ифшо кардан зарур аст:

Якум, диверсификатсияи фаъолият дар иқтисодиёти деҳот, ки таъсиси шуғлнокии алтернативӣ ва мувофиқан сарчашмаҳои алтернативии даромадҳои аҳолиро мусоидат менамоянд:

а) таъсис додани низоми қарздиҳии хурд дар деҳот барои дастгирии молиявии ташаббусҳои худи сокинон мебошад;

б) роҳандозӣ намудани шакли сабуккардашудаи бақайдгирии бизнеси хурд ва дастгирии давлатӣ (минтақавии) бизнеси венчурии барои диверсификатсияи истеҳсолоти аграрӣ лозим аст.

Дуюм, тақвиятбахшии давлатӣ оид ба рушди инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ ва иттилоотӣ, иваз намудани парадигмаи таҳсилоти деҳотӣ, ки на танҳо барои омода намудани коргарони кишоварзӣ, балки мутахассисҳои соҳаҳои дигари саноативу хизматрасонии муосир ва ғайраҳо зарур мебошанд.

Дар диссертатсия зарурати коркарди асоси заминавии рушди шуғлнокии алтернативӣ ва коркарди самтҳои стратегии он дар қаламрави деҳот, ки ҷузъи марказии сиёсати давлатии мусоидат ба рушди шуғли ғайрикишоварзӣ мебошад, асоснок карда мешавад. Стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот бояд на танҳо мақсаднок, балки комплексӣ низ бошад, бояд ҳамаи хусусиятҳои деҳот, дар навбати аввал таҷдиди сифатии захираҳои меҳнатиро устувор гардонад ва дастгирӣ намояд. Ҳадафи стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот, ин коркард ва асосноккунии самтҳои трасформатсионии мусбӣ ва «нуқтаи рушд», ки талабот ба қувваи кориро ҳавасманд мегардонад ва барои баландшавии музди меҳнат ва даромади аҳолии деҳот дар доираи тақозои қатъии молиявӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоии мавҷуда ёрӣ мерасонад. Аз байни принсипҳои афзалиятноки стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот, тибқи ақидаи муаллиф, нисбатан муҳиммашон дар мавриди ҷамъбасти мувофиқоии хоси чораҳои гуногун ва унсурҳои лоиҳаҳо ва барномаҳои рушди комплексии деҳот дар расми 1 оварда шудаанд.

Дар диссертатсия омилҳои шуғлнокии ғайрикишоварзӣ дар заминаи захираҳои табиии маҳаллӣ, тақвияти диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ва самтҳои рушди соҳаи шуғлнокии алтернативӣ, ки дар асоси тадбирҳо доир ба такмили механизмҳои танзиму дастгирии давлатии шуғл қарор мегирад, тавсиф дода шудааст. Ҳамзамон, меъёрҳои интихоби самтҳои диверсификатсия фаъолият дар иқтисодиёти деҳот пешниҳод карда шудааст.




**Расми 1. – Принсипҳои стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот**

Манбаъ**:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти истифодашуда

Бояд қайд кард, ки амалан қадами нахустин дар самти ҳавасмандгардонии шуғлнокии алтернативӣ тавассути диверсификатсияи фаолият дар иқтисодиёти деҳот бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» (аз 8-уми августи соли 2003, №44) гузошта шудаст. Дар айни замон, коркарди маҷмуи чораҳо оид ба диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот ва тавсеаи бозори меҳнати деҳот дар доираи татбиқи барномаҳои миёнамӯҳлати мақсадноки рушди устувори деҳот зарур мебошанд. Дар ин маҷмуъ, бояд чораҳои зерин ба назар гирифта шаванд: ташкили қарзҳои субсидияшуда барои рушди фаъолияти ғайрикишоварзӣ дар деҳот; ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ барои субъектҳои хоҷагидори оғозкунандаи корҳои ғайрикишоварзӣ; азнавташкилкунии кооперативҳои касбӣ; ба расмияту ба тартибдарории ҳуқуқии ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои ғайрикишоварзӣ барои дур ва таъмин намудани коргарони озодшуда тавассути сохторҳои якҷоякардашудаи соҳаи истеҳсолоти аграрӣ.

Минбаъд бояд ба рушди шуғлнокии алтернативӣ дар самтҳои зерин мусоидат карда шавад:

– ташкили шуғлнокии алтернативӣ дар асоси таъсиси низоми грантии дастгирӣ ва амалисозии лоиҳаҳо оид ба рушди соҳибкории хурд, ки барои таъмини шуғлнокии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол равона шудаанд;

– аз рӯйи лоиҳаҳо додани субсидияҳо барои истеҳсолкунандагони кишоварзии майдамолӣ (фермерҳо, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ), соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеии дар деҳот зиндагикунанда, ташкили фондҳои рушди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, кооперативҳои истеъмолкунандагони кишоварзӣ, Иттифоқи ҷамъияти матлубот ва дигар шахсони ҳуқуқӣ;

– коркард ва амалисозии лоиҳаҳо оид ба ташкили ҷамъоварӣ ва аз нав коркард кардани маҳсулоти кишоварзӣ, сабзавот, меваҳои худрӯй, буттамеваҳо ва занбурӯғҳо аз аҳолӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, сайёҳии деҳот, таъсис додани истеҳсолоти хизматрасонӣ дар деҳот (устохонаҳо, мағозаҳо, нонвойхонаҳо, сартарошхонаҳо, ҳаммомҳо, клиникаҳои байтории шахсӣ ва ғайраҳо);

– коркард ва амалисозии барномаҳои дастгирии иҷрои лоиҳаҳои микроқарзҳо дар деҳот.

Муаллиф асоснок кардааст, ки барои таъмини сатҳи зиндагии шоиста дар деҳот муҳим аст, ки на танҳо ба фаъолияти анъанавии кишоварзӣ, мисли чорводорӣ ва зироатпарварӣ машғул шаванд, балки самтҳои алтернативӣ, махсусан агротуризмро низ рушд диҳанд. Агротуризм ин навъи сайёҳист, ки дар асоси сарватҳои табиӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва этникӣ дар деҳот асос ёфтааст ва барои фароҳам овардани хизматрасониҳои комплексии туристӣ мусоидат мекунад. Ин самт ба вуҷуд овардани имкониятҳои нави шуғл ва манбаи даромади иловагиро дар деҳот таъмин менамояд.

Агротуризм якчанд ҷиҳатҳои мусбатро дар бар мегирад:

1. Аҳаммияти иқтисодӣ: ба сокинони маҳаллӣ даромади иловагӣ меорад ва ба рушди иқтисодиёти деҳот мусоидат мекунад:

2. Таъсири иҷтимоӣ ва равонӣ: ба сокинони деҳот эҳсоси муҳиммият бахшида, ифтихори онҳоро аз тарзи анъанавии зиндагӣ баланд мебардорад.

3. Арзиши этнофарзингӣ: ба нигоҳдорӣ ва мерос гузоштани анъанаҳои миллӣ ва урфу одатҳои мардумӣ мусоидат мекунад ва таваҷҷуҳи сайёҳонро ба фарҳанги маҳаллӣ ҷалб менамояд.

4. Саҳми иҷтимоӣ ва фарҳангӣ: шароит барои табодули фарҳангӣ миёни сокинони маҳаллӣ ва сайёҳон фароҳам оварда, пайвандҳои иҷтимоиро тақвият мебахшад.

Ҳамин тариқ, агротуризм ба зинда кардани ҳаёти деҳот, ҷалби сайёҳон ва фароҳам овардани сарчашмаҳои нави даромад мусоидат карда, сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро беҳтар мегардонад.

Туризм дар бисёр кишварҳо ба соҳаи муҳим ва ояндадоре табдил ёфтааст. Он дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), рушди савдои хориҷӣ, таъмини шуғл ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ нақши муҳим мебозад. Ин соҳа, инчунин ба бахшҳои асосии иқтисодиёт, аз қабили нақлиёт, сохтмон, кишоварзӣ, фарҳанг ва санъат таъсири мусбат мерасонад. Инкишоф додани туризм боиси таъсиси корхонаҳои устувор ва ҷойҳои кории арзанда мегардад, ки ин ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии сокинони маҳаллӣ мусоидат мекунад.

Туризм, инчунин барои ҷавонон ва занон имкониятҳои корӣ ва рушди касбиро фароҳам меорад. Дар ин соҳа онҳо метавонанд ба осонӣ кори аввалини худро пайдо кунанд, ки ин ба даромади муносиб, ҳифзи иҷтимоӣ, баробарии гендерӣ, рушди шахсӣ ва фарогирии иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Тоҷикистон бо гуногунрангии табиӣ, фарҳангӣ ва таърихии худ як кишвари нотакрор аст ва имкониятҳои бузурги рушдро дар соҳаи туризм пешниҳод мекунад (ҷадвали 13).

**Ҷадвали 13. – Ҷиҳатҳои мусбати тараққиёти агротуризм**

| | |
|---|---|
| Ҷанбаҳои иқтисодӣ | – Манбаи даромади кор барои аҳолии деҳот;<br>– Истифода бурдани захираҳои арзони афзалиятнок, камхарҷ, пеш аз ҳама мероси табиӣ иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ;<br>– Баланд бардоштани арзиши бозории замин ва амволи ғайриманқул, инфрасохторҳо ва манзили хусусӣ. |
| Ҷанбаҳои иҷтимой-психологӣ | – Азхуд намудани донишу малакаҳои нав дар руҳияи онҳое, ки аҳолии маҳалро инкишоф медиҳанд, (гирифтани қарзи бонкӣ бо технологияҳои интернетӣ, шиносоӣ бо технологияҳои соҳибкории сайёҳӣ ва ғ.);<br>– Баланд бардоштани сатҳи худшиносии мардуми маҳаллӣ (истиқлолият ва такия бар захираҳои иқтисодиёти худӣ);<br>– Дар сатҳи маҳал эҷоди иттиҳод дар бунёди маҳсулоти мукаммали сайёҳӣ, ки боиси беҳтар шудани фазои иҷтимоию психологӣ дар ҷомеаи маҳаллӣ мегардад. |
| Ҷанбаҳои этнофарҳангӣ | – фаъолсозии захираҳо, ҷустуҷӯи унсурҳои қолиби фарҳанги миллӣ, анъанаҳои хонаводагии истеҳсоли хӯрокворӣ ва ғ;<br>– тарғиби анъанаҳои фарҳангии миллӣ, беҳбудии симои минтақа дар муҳити беруна;<br>– табодули этнофарҳангӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии аҳолии маҳаллӣ. |
| Чиҳатҳои иҷтимоию фарҳангӣ | – нерӯи ҳамкорӣ бо сокинони шаҳрҳои калон (таъсири мубодилаи фарҳангӣ ва технологӣ);<br>– огоҳӣ ва пешгирии зухури тамоюлҳои харобиовар дар ҳудуди минтақа;<br>– баланд бардоштани масъулияти шахсӣ, интизому тартибот (риояи бандҳои шартнома ва ғайра). |

Манбаъ: Муаллиф тартиб додааст дар асоси адабиёти истифодашуда.

Дар диссертатсия муносибати сегона, ки дар асоси таҳияи сиёсати давлатии муосидат ба шуғли алтернативӣ бояд қарор гирад, тавсиф дода шудааст. Аҳолии деҳот ба фаъолияти алтернативӣ тавақҷӯҳ дорад, зеро он даромади иловагӣ медиҳад. Мақомоти маҳаллӣ аз ғояи соҳибкории инфиродӣ ҷонибдорӣ мекунанд, зеро ин воридшавии маблағҳои иловагӣ, беҳтар шудани некуаҳволӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. Мақомоти маҳаллӣ метавонанд барои шахсони дар рушди соҳибкорӣ машғулбуда, барои имтиёзҳои андоз, гирифтани субсидияҳои муайян мурочиат намоянд. Дар робита ба ин, муаллиф стратегияи рафтори коргарони деҳот, корфармоён ва мақомоти маҳаллиро барои ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии деҳот тавассути афзоиши шуғли алтернативӣ пешниҳод намудааст (ҷадвали 14).

**Ҷадвали 14. – Стратегияи рафтори коргарони деҳот, корфармоён ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ**

| Стратегияи рафтор | | |
|---|---|---|
| **Коргарони деҳот** | **Корфармоён** | **Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ** |
| – ҷустуҷӯи манбаъҳои нави шуғли алтернативӣ, ки сатҳи кофии даромадро таъмин мекунад;<br>– ангезиши майли шуғл дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти деҳот, бахусус, дар саноати коркард ва ё соҳаҳои хизматрасонӣ;<br>– дар сурати набудани захираҳои молиявӣ рӯ овардан ба фаъолияти камхарҷ;<br>– нерӯ ва майл ба шуғли кироя аз сабаби муносибати манфӣ ба хавфу хатар;<br>– маблағгузории нокифояи мақсаднок дар иқтисодиёти деҳот, молиявию иҷтимоӣ ва машваратӣ, ки имкони таъмини ҳосилнокии истеҳсолии баландро надоранд. | – фароҳам овардани шароити ҳатмӣ ва пешниҳоди музди меҳнати рақобатпазир;<br>– ҷалби аҳолии деҳот ба истеҳсоли маҳсулоти ғайрикишоварзӣ дар деҳот;<br>– кафолати амният ва устувории шуғл;<br>– таъмин намудани шароити мувофиқи иҷтимоӣ барои нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ;<br>– шомил намудани ҷавонон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи шартнома;<br>– ташкили касбомӯзӣ ва бозомӯзии ҷавонон дар маҳалҳо;<br>– кушодани филиалҳои корхонаҳои калони саноатии шаҳрҳо дар деҳот ва ғайра. | – васеъ намудани маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ;<br>– таҳияи барномаи дастгирии шуғли алтернативӣ;<br>– дар навбати аввал таъмини инкишофи инфрасохтори ичтимоӣ;<br>– андешидани тадбирхо оид ба кам кардани фоизи карзхо;<br>– васеъ намудани маблағгузорӣ ба фаъолияти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ дар деҳот;<br>– мусоидат ба рушди хизматрасониҳои машваратӣ ба аҳолӣ, аз ҷумла барои пешбурди соҳибкории хусусӣ;<br>– ҷорӣ намудани амалияи таъминоти иттилоотии соҳибкории ғайрикишоварзӣ, махсусан, дар соҳаи сайёҳии дехот. |

Манбаъ: Аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст дар асоси адабиетҳои истифодашуда.

Ба андешаи муаллиф консепсияи сиёсати шуғли алтернативии шуғл ба принсипҳои зерин бояд такя кунад:

– Афзалияти тадбирҳои фаъол оид ба мусоидат ба шуғли аҳолӣ, пеш аз ҳама, ба нигоҳдорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тайёр намудан ва бозомӯзии кадрҳо, роҳнамоии касбӣ бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои шуғли захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои ғайрикишоварзии минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ;

– дастгирии он намудхои фаъолияти алтернативӣ, соҳаҳои талабот ба қувваи корӣ, ки хароҷоти камтаринро талаб мекунанд ва дар соҳаи шуғли аҳолӣ зуд натиҷа медиҳанд;

– нигоҳ доштани унсурҳои алоҳидаи шуғли кафолатнок, пеш аз ҳама, дар корхонаҳои давлатӣ ва дар раванди муфлисшавии корхонаҳо;

– ба ҳадди аксар мутобиқ кардани сиёсат ба ниёзҳои гурӯҳҳои мушаххаси минтақавӣ, соҳавӣ ва иҷтимоию демографии аҳолӣ ва коргарон бо таваҷҷӯҳи махсус ба занон, ҷавонон, нафақахӯрон ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоии рақобатпазир дар бозори меҳнат;

– афзалият бахшидан дар тадбирҳо оид ба нигоҳ доштани нерӯи касбӣ ва тахассусии минтақаҳои деҳот, ки ба афзоиши шуғли алтернативӣ дар бахши саноатии иқтисодиёти деҳот мусоидат мекунанд;

– самти афзалиятноки тадбирҳо доир ба шуғли алтернативии аҳолӣ ба минтақаҳои «осебпазир» (депрессионӣ), ки дорои сатҳи баланди бекорӣ мебошанд;

– расонидани дастгирии самарабахши иҷтимоӣ ба бекорон бо мақсади пешгирии густариши камбизоатӣ, пешгирии равандҳои берун аз муносибатҳои ҷамъиятӣ гаштани ин тоифаи аҳолӣ ва дар ниҳоят пешгирии низоъҳои иҷтимоӣ.

## ХУЛОСАҲО

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳо ва пешниҳодҳои зерин ҳосил шуд:

1. Сиёсати давлатии шуғлнокии аҳолӣ ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоии давлат буда, маҷмуи тадбирҳои давлатии мустақим ва ғайримустақими таъсиррасонро дар самти таъмин ба шуғл, танзими бозори меҳнат дар умум ва ҳар як фарди ҷомеаро дар алоҳидагӣ, бо тариқи қонеъ намудани талаботи бунёдии онҳоро ба меҳнат дар бар мегирад. Ин сиёсат дар давраи гузариш ба зинаи индустриалӣ-аграрии иқтисодиёти мамлакат ва трансформатсияи индустриалии иқтисодиёти манотиқи деҳот бояд такя ба таҳқиқи самтҳои шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ, ки дар минтақаҳои деҳот сурат гирифта истодааст тарҳи ҷойгиркунии корхонаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар ашёҳои маҳаллӣ ва пайваста ба он, кушодани

ҷойҳои кории нави ғайрикишоварзиро пайгирӣ намояд, ташаккул ёбад. [1-М, 8-М].

2. Имрӯзҳо рушди деҳот аз нуқтаи назари «чорчубаи устувори зиндагӣ» (sustainable lelivelih omodframework) таҳлил карда мешавад. Ин таълимоти истилоҳи «чорчубаи устувори зиндагӣ»-ро барои иқтисодиёти деҳот пешниҳод кардааст, ки чунин маъно дорад:

а) қобилияти, доштани дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, захираҳои иҷтимоӣ ва дигар намудҳои фаъолияти барои ҳаёти миёна муҳим талаб карда шаванда;

б) ҳастии устувор – ин имконияти мубориза бурданро бо ҳолатҳои шадиди руҳӣ (стресс) ва таҳдидҳо дошта, қобилият ва дороиҳои худро имрӯз ва фардо барқарор, муҳофизат ва беҳтар карда тавонад. Консепсияи ҳастии устувор имконият медиҳад, ки омилҳои ҳам дохилӣ ва ҳам берунии муайянкунандаи зиндамонии иҷтимоӣ-иқтисодии хоҷагиҳои хонагӣ ҷудо карда шаванд. Вобаста аз он, ки оё одамон маҷбур ҳастанд, тадриҷан ба тағйирот ва ҳолатҳои ногувору таҳдидшаванда (бӯҳронӣ) зуд эътино намоянд, стратегияи хоҷагиҳои хонагӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Дар ин ҷо стратегияи мутобиқшавии хоҷагиҳои хонагӣ муҳиммият пайдо мекунад. [2-М, 6-М].

3. Шуғли алтернативиро метавон ҳамчун шуғли аҳолии деҳот дар синну соли қобили меҳнат будан, дар шаклҳои ғайрикишоварзии фаъолияти иқтисодӣ ба истиснои хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва идоракунии давлатию маҳаллӣ муайян кард. Чунин шуғлҳо метавонанд доимӣ, муваққатӣ, асосӣ, иловагӣ, расмӣ ва ё ғайрирасмӣ бошанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ғайр аз хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ, аҳолии деҳот бо роҳи ба ҳамдеҳагон пешниҳод кардани хизматрасониҳо аз қабили:

– корҳои сохтмонӣ, шудгор кардани полезиҳо, корҳои нақлиётӣ, ҷамъоварӣ ва фурӯши худрӯйҳо (занбурӯғҳо, буттамеваҳо, растаниҳои доруворӣ, решаҳо), шикор, моҳидорӣ, иҷораи биноҳои зист ва ғайризист ва ғайраҳо даромади иловагӣ ба даст меоранд. Солҳои охир туризми деҳот пайдо шудааст, ки комплекси хизматрасониҳоро дар бар мегирад. Шуғли алтернативӣ дар сохтани арзиши нав ва ё арзиши иловагӣ, ҳам дар минтақа ва ҳам мамлакат ҳиссаи бузург дорад. Аммо онҳо бинобар  дар қайди расмӣ ва дар низоми ҳисобгирӣ шомил набуданашон номуайян мемонанд. Бинобар ин, дар диссертатсия ҳисоби муаллифӣ доир ба арзёбии ҳиссаи шуғли ғайрикишоварзӣ ва ё алтернативӣ дар сохтани арзиши нав гузаронида шудааст. [1-М, 7-М].

4. Муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар иқтисодиёти деҳот раванди табдили захираҳоро бо тариқи фаъолияти меҳнатии аҳолии деҳот, ки ба қонеъ гардонидани талабот ва амалӣ гардонидани манфиатҳои гуногуни иқтисодӣ

равона шудааст, инъикос мекунанд. Вобаста ба ин, мазмуни иқтисодиёти деҳотро аз мавқеи муносибатҳои равандӣ, низомӣ ва функсионалӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки он барои таҳкими сиёсати давлатӣ ҷиҳати густариш додани шуғли алтернативӣ зарур аст. Таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар тамоми манотиқи мамлакат, эҷод намудани шароити мусоид барои рушди иқтисодиёти деҳот, диверсификатсияи фаъолияти иқтисодӣ ва шуғлнокии ғайрикишоварзӣ дар деҳотҷойҳо муҳиммият пайдо менамояд. Зеро ҳоло ҳам ҳиссаи шумораи бекорон дар манотиқи деҳоти мамлакат хеле зиёд аст. Масалан, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон, ки дар ин минтақаҳо деҳотҷойҳо хеле бисёр аст, ба шумораи умумии бекорони дар Хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташудаи мамлакат, беш аз 68% – бекорони мамлакат рост меояд. Ин сатҳи баланди бекорӣ сабаби асосии рушди шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ мебошад, ки бояд дар сатҳи расмӣ ва шуғлнокии маҳсулнок табдил ёбад. Зеро шуғлнокии алтернативӣ, ки дар корхонаҳои бахши ғайрикишоварзӣ машғул мебошанд, ба таври расмӣ дар ин кор тибқи дафтарчаи меҳнатӣ, шартномаи меҳнатӣ ё қарордод ба расмият дароварда нашудааст. [2-М, 4-М].

**Тавсияхо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

1. Сиёсати давлат доир ба мусоидат ба шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ метавонад дар асоси ду стратегия, яъне анъанавӣ ё умумӣ ва дирижизм поягузорӣ гардад. Дар марҳилаи нави рушди мамлакат бояд дирижизм ҳамчун сиёсати дарозмуддати давлатӣ дар асоси ба нақшагирӣ ба ҳайси инструменти ҳалли вазифаҳои муҳим-такмили сохтории иқтисодиёти деҳот, диверсификатсияи он ва таъмини рушди шуғли ғайрикишоварзӣ баромад менамояд, ҷои марказӣ дошта бошад. Сиёсати дирижизм бояд, ки барномаҳои мақсаднокро дар сиёсати рушди деҳот ва рушди иқтисодиёти деҳот истифода барад зеро, ки механизми ибтидоии дастгирии шуғлнокии алтернативиро дар деҳот дар бар мегирад. [1-М].

2. Дар иқтисодиёти деҳот асоси заминавии рушди шуғлнокии алтернативиро бояд коркарди самтҳои стратегии рушди соҳаҳои шуғлнокии алтернативӣ ташкил диҳад. Стратегияи алтернативии шуғлнокии аҳолии деҳот ба ҳайси тамсилаи якҷоякардашудаи амалиёт барои рушди сифатии иқтисодиёти деҳот дар доираи таъмини тамоюлоти мусбати ҷиҳати сифат ва сатҳи зиндагӣ равонашуда мебошад. Аз ин рӯ, стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот, бояд на танҳо мақсаднок, балки комплексӣ низ бошад, он бояд ҳамаи хусусиятҳои деҳот, дар навбати аввал таҷдиди сифатии захираҳои меҳнатиро устувор гардонад ва дастгирӣ намояд. [1-М].

3. Барои ҳаллу фасли масъалаи шуғлнокии аҳолии деҳот, пеш аз ҳама дар доираи барномаҳои давлатии рушди кишоварзӣ ва танзими бозори маҳсулоти

кишоварзӣ баҳисобгириҳои тавозунии теъдоди ҷойҳои кории нақшавӣ дар соҳа, бо нишон додани сохтори касбӣ-ихтисосии онҳо, ки қисми захираҳои меҳнатии аз тарафи бахши аграрӣ дархостшавандаи деҳотро нишон медиҳанд, зарур аст. Қувваи кории зиёдатӣ бояд дар соҳаи фаъолияти алтернативӣ мавриди истифода қарор гиранд. Бо гузариши кишоварзии ватанӣ ба марҳилаи нави рушд ва баландшавии ҳосилнокии меҳнат коҳишёбии шуғлнокӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ногузир мегардад. Ва барои он, ки деҳот ҳамчун зернизоми иҷрокунандаи на танҳо вазифаҳои истеҳсолӣ, балки чандин вазифаҳои муҳими умумимиллии ҷомеа (фарҳангу анъана, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра.) нигоҳ дошта шавад, зарур аст, ки иқтисодиёти он тавассути ҳавасмандгардонии фаъолияти ғайрикишоварзӣ диверсификатсия карда шавад. [2-М, 4-М].

4. Коркарди маҷмуи чораҳо оид ба диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот ва тавсеаи бозори меҳнати деҳот дар барномаҳои миёнамӯҳлати мақсадноки рушди устувори деҳот зарур мебошанд. Дар ин маҷмуи чорабиниҳо бояд тадбирҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

– ташкили қарзҳои субсидияшуда барои рушди фаъолияти ғайрикишоварзӣ дар деҳот;

– ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, барои субъектҳои хоҷагидори оғозкунандаи корҳои ғайрикишоварзӣ;

– азнавташкилкунии кооператсияҳои касбӣ ба тартибдарории ҳуқуқии ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои ғайрикишоварзӣ, барои бо кор таъмин намудани коргарони озодшуда тавассути сохторҳои якҷоякардашудаи соҳаи истеҳсолоти аграрӣ. Яке аз самтҳои нисбатан ояндадори рушди алтернатвӣ ва бизнеси хурд дар соҳаи ғайрикишоварзии деҳот ин агротуризм мебошад. Агротуризм дар ҷумҳурӣ бо назардошти иқтидори бузурги табиӣ ва фарҳангии он, имрӯзҳо дар аввали роҳ қарор дорад. Рушди он, на танҳо барои коҳиш додани шиддатнокии бозори меҳнати деҳот мусоидат мекунад, балки барои сокинони деҳот ва барои давлат фоидаи калони иқтисодӣ меорад. [1-М, 7-М].

5. Воситаи муҳими амалӣ гардонидани сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли алтернативӣ, зарурати таҳия ва татбиқи барномаи шуғли ғайрикишоварзиро дар тамоми ноҳияҳои дехот тақозо дорад. Вай имкон медиҳад, ки ҳамаи ин фаъолиятҳо якхела мутобиқ карда шаванд ва вобаста ба моҳияти масъалаи ҳалшаванда, барномаи алтернативии шуғл шаклҳои гуногун гирад. Масалан, он метавонад ба соҳаҳои мушаххаси ғайрикишоварзӣ, аҳолии мушаххаси маҳаллӣ ё минтақаи ҷуғрофӣ дахл дошта бошад. Вобаста ба ин, чунин пайдарпайҳои ва ё алгоритмҳои асосии таҳияи барномаҳои таъмини шуғли алтернативӣ пешниҳод мегардад:

– таҳлили мушкилот, ки ба муайян намудани ҷанбаҳои қавию заифи

иқтисодиёти маҳаллӣ, мушкилоти шуғли аҳолӣ ва шуғли ғайрикишоварзии минтақа нигаронида шудааст. Ин ҷамъоварӣ ва муайянкунии иттилоотро талаб мекунад;

– аудите, ки ба арзёбии самаранокии фаъолияти мавҷуда, нақши мақомоти маҳаллӣ барои иҷрои нақшаи рушди минтақа, шуғлнокӣ ва ҳамкории мутақобилаи ҳамаи иштирокчиёни ин раванд масъул аст;

– таҳлили захираҳо имкон медиҳад, ки захираҳо чӣ тавр истифода ва ба ҳисоб гирифта шудаанд, захираҳое, ки барои ташкили фаъолияти ғайрикишоварзӣ заруранд ва манбаъҳои ҷалб намудани онҳо муайян карда шаванд;

– мураттаб сохтани ҳадафҳои татбиқи стратегия, ки дар барномаи интихобшуда оид ба таъмини шуғли алтернативӣ аниқ муайян карда шудаанд. Он бояд ба мушкилот ва имкониятҳои минтақа алоқаманд бошанд;

– нақшаи чорабиниҳо, пайдарпайии амалҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегӣ муайян карда мешаванд;

– низоми мониторинг ва баҳодиҳӣ, самаранокии тадбирҳои инфиродӣ муайян карда шуда, имконнопазирии умумии барномаи қабулшуда тасдиқ карда мешавад. [1-М, 4-М].

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

### а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М] Абдуллозода Х.Х. Ҳадафҳои сиёсати давлатии шуғли аҳолии манотиқи деҳот дар замони муосир [Матн] /Х.Х. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2413-5151. №1. – 2024, – с.100-107.

